**Иброҳимов Солиҷон Иброҳимович -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда** Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳимояи диссертатсия “17” апрели соли 2020 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор мегардад).

Бо мазмуни диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «____» ___________ соли 2020 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда,** пеш аз ҳама, бо он собит мегардад, ки падидаи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шарванд заминаи асосии ҳолати ҳуқуқии шахс - принсипи асосии низоми ҳуқуқӣ мебошад ва дар низоми арзишҳои бунёдии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди муосир ҷои махсусро ишғол менамояд. Таърихан, тасаввуротҳо дар бораи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд аз як давраи таърихӣ ба дигар давраи таърихӣ дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон тағйир меёфт. Ба ҷаҳонбинии мавҷудаи одамон дар ҷаҳони муосир нисбати, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд чунин заминаҳои воқеӣ таъсир расонд: аввалан, пош хӯрдани давлати шуравӣ, дуввум, раванди ҳамгироии давлати мо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ; сеюм, мубрамияти муосири назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба махсусияти танзими конститутсионӣ – ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишварамон.

Навгонии асосӣ, ки бо қабули Конститутсияи амалкунандаи соли 1994 сохти давлатию ҷамъиятӣ (сохтори конститутсионӣ) бунёд гардид, ин эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ мебошад. Дар робита бо ин, нақши марказиро дар низоми муносибатҳо, ки фарогири “сохтори конститутсионӣ” мебошад, инсон, вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии ӯ ҳаёт, қадр, номус ва озодии ӯ, дахлнопазирии шахсӣ, ҳуқуқи табиӣ ва бегонанашавандаи соҳибмулкӣ ва ғ. ишғол менамоянд. Нуқтаи мазкур ба истифодаи гуруҳи мукаммали принсипҳо асос меёбад, ки муайянкунандаи мақоми конститутсионии инсон ва шаҳрванд, асосҳои муносибати муттақобилаи шахс, ҷомеа ва давлат мебошад. Мушаххасияти принсипҳо дар эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки арзиши асосӣ дар муқаррарнамоӣ ба сифати ӯҳдадории давлат дар эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ ва ҷудонопазирии он, принсипҳои шаҳрвандии ягона ва баробарҳуқуқии шаҳрвандӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрванд ифода мегардад.

Ҳамчунин, мубрамияти мавзӯи диссертатсия дар ҷойгоҳи нисбатан муҳимро ишғол намудани падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар механизми ҳимояи ҳуқуқ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳим мебошад ифода мегардад. Принсипи сифат ва самаранокии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз принсипҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи на танҳо давлати муосири ҳуқуқбунёд ба шумор меравад, ҳамчунин ба сифати падидаи муҳимми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар илмҳои соҳавӣ ва падидаҳои рӯ ба инкишоф дар назарияи илми ватании назарияи умумии ҳуқуқ маҳсуб меёбад. Тавассути падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вазъи ҳуқуқи инсон таъмин, ва ҳимоя гардида, доираи дахолат ба ҳаёти шахсии инсон муқаррар мегардад,

кафолатҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии ӯ муқаррар мегардад.

Мураккабӣ, муҳиммият ва навгонии падидаи ҳуқуқии мазкур дар он ифода мегардад, ки таҳқиқоти он дар чаҳорчубаи самти нави илми ҳуқуқшиносӣ - таъмини конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат мегирад. Самти нави илмӣ зарурияти воқеӣ дорад. Зарурияти он вобаста ба талаботи бевоситаи ҷомеа дар амалигардонии муқаррароти конститутсионӣ, такмили қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ, асосан фаъолияти ниҳодҳо ва сохторҳои дахлдор дар доираи низоми байналмилалӣ ва миллии (маъмурӣ-ҳуқуқӣ, квазисудӣ, судӣ) механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ба вуҷуд меояд.

Ҳоло зарурияти ташаккул ва мураттабгардонии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд омада, ҷузъҳои таркибии он дар доираи илми ҳуқуқи ватанӣ бояд муайян гарданд, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳое, ки ба такмили фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии субъектҳои дахлдор, ки дорои ваколатҳо дар соҳаи таъмин, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, мусоидат менамояд.

Падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мабдаи таҳқиқоти илмии умуминазариявӣ, инчунин илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ (маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, мурофиаи гражданӣ ва ғайра.) мебошад, ки ҳамзамон дар доираи ҳам илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳам дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба тадқиқот ниёз дорад. Ин бо он вобаста аст, ки имкониятҳои соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар илмҳои соҳавӣ васеътар мебошанд.

Дар доираи илми ватании ҳуқуқи конститутсионӣ имконияти таҳияи мафҳум ва низоми мукаммали падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меояд, воситаҳои асосии таъмин, ҳифз ва ҳимояи падидаи соҳавии конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дида баромада, бо ин васила метавон таҳқиқоти умуминазариявии тарҳсозии (моделсозии) механизми падидаи таҳқиқшавандаро муайян намуд.

Масъалаи ҳимояи конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Эҷоди кафолатҳои конститутсионии иловагӣ, ба вуҷуд овардани механизмҳои амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлати Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии инкишофи он ба шумор меравад. Ба андешаи мо кушишҳои олимон ва мутахассисони ватанӣ маҳз ба ҳамин самт бояд равона гарданд. Мушкилот дар он аст, ки барои фаъолияти муътадили падидаи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ҳоло муҳити дахлдор ташаккул наёфтааст.

Метавон ба суханрониҳо ва баромадҳои чандинкаратаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҷомеа ва инчунин, ироаи Паёмҳояш ба Парламент - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон диққат дод, ки дар доираи онҳо таваҷҷуҳи хос ба риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд зоҳир менамояд. Аз ҷумла, 22 декабри соли 2017 дар Паёми навбатӣ ба Малҷиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар қайд менамояд: «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Принсипи мазкур тақозо менамояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳо тавассути қонунҳое танзим шаванд, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқ ва адолату инсондӯстӣ бошанд»[34]. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд гардидааст, «зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. Бо ин мақсад, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия ва Хадамоти иҷро дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқиро барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод созанд».[35]

Ба таҷрибаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллие, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, таъсиргузор мебошанд. Дар роҳи ислоҳоти мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодии рушди давлатдории Тоҷикистон диққати асосӣ ба масъалаи такмили механизми фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дода мешавад. Муҳиммияти онҳо на танҳо дар суханрониҳои Пешвои миллат ва Паёмҳои ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин муроҷиатҳои ҳарсолаи шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

Вазъи кунунии фазои ҳуқуқии ватанӣ тақозо дорад, ки усулу воситаҳои бесамар, ҳамчунин норасоиҳое, ки барои пешгирии вайрон намудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва барқарор намудани онҳо монеа мешаванд, ҳаматарфа таҳлил ва дарк карда шаванд.

Тағйиротҳои куллии муосир, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастаанд, бо татбиқи амалӣ ва таҷассуми муқаррароти Конститутсия алоқаи зич дошта, имкони муайян намудани низоми маҷмӯии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро доранд. Вазифаи назарияи ҳуқуқии ватанӣ - таҳияи механизмҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва муҳофизатӣ дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ ва такмили минбаъдаи принсипҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи конститутсионӣ - ҳуқуқӣ мебошад.

---

[34] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ http://www.president.tj/ru/node/16772/ (санаи муроҷиат: 20.09.2018).

[35] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/16772/ (санаи муроҷиат: 26.12.2018г.).

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзӯъҳо.** Диссертатсияи мазкур дар доираи амалигардонии нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар самти "Масоили ҳокимият, идоракунӣ ва худидоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ" иҷро гардидааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ** бо таваҷҷӯҳи махсуси муҳаққиқони ватанӣ ба соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобастагӣ дорад. Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи мазкур аз ҷониби олимони тоҷик, маҳз А. Ализода, А.М.Диноршоҳ, А.И. Имомов, З.Х. Искандаров, Ш.Ф. Искандаров, Р.Ш. Сатывалдыев, Б.А. Сафаров, Д.С. Сафаров, И.И. Саидов, А.Х. Саидов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиқов, К.Н. Холиқов, А.Х. Бобоев, И.К. Миралиев, А.М. Тошев, А.Х. Юсуфов, Раҳмон О.Э., мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, Ф.Т. Тоҳиров ва А.И. Имомов дар таҳқиқотҳои илмиашон масъалаҳои таҳия ва қабули конститутсияҳоро дар Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба ташаккули падидаҳои мухталифи конститутсионӣ, аз ҷумла падидаи ҳуқуқи инсон ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ғайр аз ин, А.И. Имомов ба омӯзиши масъалаҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, падидаи шаҳрвандӣ ва ғайра таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. Дар корҳои илмии А.Г. Холиқов масъалаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои пайдоиши ҳуқуқи инсон дар заминаи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва инкишофи он дар меъёрҳои динӣ (шариат) мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд. Падидаҳои асосии ҳуқуқии зардуштӣ ва ислом, ки бо таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва муайян намудани мафҳуми ҷиноят, ҷазо ва ғайра алоқамандӣ доранд, муайян гардидаанд. Б.А. Сафаров, К.Н. Холиқов, З.Х. Искандаров дар корҳои илмии худ ҷанбаҳои мухталифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва таъмини адолати судиро таҳлил намудаанд. Д.С. Сафаров дар корҳояш масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавиро дар партави фарҳанги ҳуқуқи ислом таҳқиқ намудааст. А.М. Бобоев, А.К. Миралиев, А.М. Тошев, А.Х. Юсуфов ва О.Э. Раҳмонова дар корҳои илмиашон масъалаҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҳқиқ намудаанд, ки хусусиятҳои ҷанбаҳои таҳаввулоти вазъи ҳуқуқии шахсият, мафҳум ва аҳамияти падидаи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро дар шароити ташаккули ҳуқуқии давлат дар бар мегиранд, инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқии маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳолат ва инкишофи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои занон ва ғайраро таҳқиқ намудаанд.

Як қатор тадқиқотҳои монографӣ роҷеъ ба самтҳои мухталифи ҳуқуқи инсон аз тарафи олимони ватанӣ З. Ализода ва А.М. Диноршоҳ таълиф шудаанд, ки дар онҳо аз ҷумла, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ба зиндагӣ, озодӣ аз шиканҷа, истеҳсолоти судии боадолат, механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон мавриди таҳқиқоти амиқ қарор дода шудаанд.

Ҳамин тавр, корҳои дар боло зикршуда, ҷанбаҳои мухталифи роҷеъ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро баррасӣ намуда, қисман хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар ҷумҳурӣ низ дар бар мегиранд. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ роҷеъ ба масъалаҳои кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳқиқотӣ ҳамаҷониба гузаронида нашудааст. Масъалаҳои танзим ва амалигардонии ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Конститусия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудаанд. Бо ҳамин мазмун, корҳои илмӣ-таҳқиқотии комплексиро роҷеъ ба таҳқиқоти пурраи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва таҳаввулоти он дар Тоҷикистон, аз ҷумла таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ, назриявӣ, конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва таҳқиқи масъалаҳои амалии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистонро кофӣ ҳисоб намекунем. Ҳамаи ин боиси интихоби мавзӯъ гардида мақсаду вазифаҳои онро муайян намуд.

**Асоси назриявии диссертатсияро** ғояҳо ва назарияҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии муаллифони хориҷӣ, россиягӣ ва ватанӣ, ки ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Аз ҷумла дар осори илмии олимони тоҷик З. Ализода, А.М. Диноршоҳ, А.Х. Бобоев, А.И. Имомов, З.Х. Искандаров, И.К. Миралиев, О.Э. Раҳмонова, И.И. Саидов, Р.Ш. Сотиволдиев, Б.А. Сафаров, Д.С. Сафаров, Ф.Т. Тоҳиров, А.М. Тошев, А.Г. Холиқов, К.Н. Холиқов, А.Х. Юсуфов, инчунин дар асрҳои олимони Россия: С.А. Авакян, А.С. Автономов, М.В. Баглай, Н.А. Бердяева, Н.А, Боброва, Н.А. Богданова, В.В. Бойцова, Н.С. Бондарь, Н.В. Витрук, Л.Д. Воеводин, О.В. Воробьев, Н.Я. Данилевский, В.М. Жуйков, В.Н. Иванов, И.А. Ильин, Д.А. Керимов, В.В. Копейчиков, Е.А. Лукашева, Р.А. Мюллерсон, И.Е. Фарбер, Б.Н. Чичерин ва дигарон ба назар мерасанд.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи танзими конститутсионӣ-ҳукуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Предмети таҳқиқот** масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Асосҳои меъёрии таҳқиқотро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии идории мақомоти ҳимояи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Барои таҳқиқоти илмии мазкур истифодаи санадҳои ҳуқуқӣ, стандартҳо ва принсипҳои байналмилалӣ ва аврупоӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муҳим доранд. Дар ин замина таҳлили амиқи конститутсияҳои кишварҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст.

**Заминаи амалӣ.** Бо мақсади равшан намудани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои зериқонунӣ, конститутсияҳои Федератсияи Россия ва кишварҳои ИДМ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ роҷеъ ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди таҳлил қарор дода шудаaанд. Дар рисола қарорҳо ва ҳалномаҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, як қатор иқтибосҳо аз таҷрибаи суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, маводҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот** аз таҳқиқоти комплексӣ ва асосноккунии моҳият, мазмун ва асосҳои ҳуқуқии механизмҳо ва ҷузъҳои таркибии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад. Мақсади таҳқиқот инчунин, таҳияи консепсияи нави такмили падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба воқеияти муосири ҳуқуқӣ ва ислоҳоти ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Дар иртибот бо мақсадҳои рисола вазифаҳои зерин муайян гардидаанд:

- таҳқиқи падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва асосҳои он дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон, инчунин таҳлил намудани мафҳуми он;
- тадқиқи моҳият, мазмун ва мафҳуми принсипҳо ва низоми падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, роҳҳо ва самтҳои асосии инкишоф ва такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи мазкур;
- таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии хусусиятҳои ташаккул ва рушди консепсияи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионии ватании даврai посошуравӣ;
- таҳияи тавсияҳои амалӣ, ки барои такмил ва баланд бардоштани сифати механизми самаранокии кафолатҳои ҳуқуқӣ, ки ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд;
- кушодан ва тавсиф додани табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи моҳият ва мазмуни механизми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ;
- таҳлили нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳимояи ҳуқуқ дар амалигардонии ваколатҳои ҳуқуқҳифзкунӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ошкор ва пешбинӣ намуданӣ масоили такмили падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи

конститутсионии ватанӣ ва омода намудани пешниҳодот ҷиҳати такмили онҳо;

- таҳқиқи табиати ҳуқуқии кафолатҳои конститутсионӣ (мафҳумҳо, механизм, сохтор) ва муайян намудани самтҳои такмили онҳо дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тадқиқи сатҳҳо ва воситаҳои такмили қонунгузории миллӣ, баҳо додани таъсири раванди мазкур ба ташаккули кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии механизми ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асоси методологии таҳқиқот** аз дарки омилҳо, ки бо масъалаҳои илмӣ алоқаманданд ва ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва дигар равандҳо ва зуҳуротҳо асос ёфтаанд, бо истифодаи усули диалектикӣ ифода мегардад. Инчунин, дар асоси методологияи мазкур додани баҳои ҳуқуқӣ ва муайян намудани дараҷаи самаранокии институтҳои дахлдори сатҳи давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сифат ва самаранокии меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва дигар ниҳодҳое, ки ба фаъолияти сохторҳои ҳимояи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, имконпазир мегардад.

Ба ғайр аз ин, асоси методологии таҳқиқот аз предмети он ибтидо гирифта бо равияи умумиметодологии ҳуқуқи муосир муайян мегардад. Дар рисола ҳам усулҳои умумиилмӣ ва ҳам махсуси илмӣ истифода гардидааст. Заминаи бунёдии назриявӣ-методологии таҳқиқотро усули диалектикӣ ташкил медиҳад, ки барои омӯзиш ва таҳлили масоили баррасишаванда дар ҳамбастагӣ ва ягонагӣ ва тамоюли инкишофи онҳо имкон медиҳад ва дар ҳамин замина баҳри таҳияи тавсияҳо, ки барои назария ва амалияи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назарияи илмии ҳуқуқшиносии ватанӣ муҳим мебошанд, мусоидат менамояд. Дар таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, ба монанди мушоҳида, муқоисавӣ, тавсифӣ ва ченкунӣ васеъ истифода шудаанд. Дар як маврид, усулҳои мантиқӣ истифода гардидааст, истифодаи ин усулҳо барои гирифтани донишҳои амиқ дар бораи равандҳо ва махсусиятҳои таҳаввули падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Усулҳои махсуси илмӣ зимни таҳқиқи таҳаввулоти падидаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои хронологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд, ки барои аз ҷониби муаллиф таҳия намудани хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили масъалаҳои вобаста ба ташаккул ва рушди падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои мухталифи масоили баррасишавандаро дар заминаи илми ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ дар бар гирифта, бо назардошти таҳлили интиқодӣ ва позитивӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба масъалаи таҳқиқотӣ ва дурнамои такмили он таҳия гардидаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия бо натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда алоқаманд мебошад, аз ҷумла бо:**

- асосноккунӣ ва муайян намудани мафҳуми механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар субъектҳои ҳимояи ҳуқуқ, ки дар фаъолияти ҳуқуқҳифзкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд;

- равшан намудани моҳият, сохтор ва мазмуни падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ошкор намудани табиати ҳуқуқии принсипҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ;

- кушодани механизмҳои ташкилӣ ва мурофиавии амалигардонии вазифаҳои конститутсионии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар раванди ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- дар таҳлил ва тавсифи асосҳои ҳимояи ҳуқуқ падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва масъалаҳои такмили он дар заминаи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ;

- таҳқиқоти маҷмӯӣ ва бонизоми асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун механизми мукаммал ва муайян намудани таъсири муҳофизатӣ ва танзимнамоии он ба муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

**Ба ҳимоя чунин хулосаҳо ва нуктаҳои собитшуда, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд пешниҳод мегардад:**

1. Шароити ташакули ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба андешаи муаллиф ба сифати "асосӣ" таъсис ёфта, аз низоми умумии ҳуқуқ ва озодиҳо ҷудо мебошанд. Ин хулоса аз табиати ҳуқуқии онҳо бармеояд, ки аҳамияти махсуси онҳоро ифода намуда, дорои маҷмӯи хусусиятҳои хос мебошанд, ки бо ин васила онҳоро аз тамоми низом ҷудо менамояд. Муаллиф муайян намудааст, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шахс дорои он хусусиятҳое мебошанд, ки дар дигар ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳо мавҷуданд, ки бо вуҷуди ин, хусусиятҳои хоси худро нигоҳ медоранд. Ба назари муаллиф, тартиби ҷудо намудани онҳо аз ду омил вобастагӣ дорад: якум, тавре, ки тадқиқот нишон медиҳад, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд хусусияти моддӣ ва расмӣ доранд. Ҳуқуқ ва озодиҳое, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, дар алоқамандии мухталиф ифода мегарданд, ки аз манфиатҳои тарафайни байни шахс ва давлат бармеоянд. Дар рисола ошкор гардидааст, ки дараҷаи муваффақона ва самаранокии амалигардонии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои шаҳрванд бо ҳуқуқҳои асосии инсон муайян мегарданд, расман бошад критерияи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз шакл ва усулҳои ифодаи онҳо дар меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ муайян мегардад. Дуюм, мувофиқи асосҳои моддӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз рӯи хусусиятҳои хос ва таъиноташон фарқ мекунанд. Ба сифати муайянкунандаи асосии ҳуқуқи инсон андозаи арзишҳои моддӣ ва иҷтимоӣ, ки инсон аз лаҳзаи таваллуд ба даст меорад, баромад менамоянд Ҳуқуқҳои инсон,

ки ба сифати объекти танзими ҳуқуқӣ баромад менамоянд, дар раванди аз ҷониби давлат эътироф намудани ҳуқуқи инсон, аз қабили ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғ., ташаккул меёбанд. Тавсифи табиати ҳуқуқии асосҳои ҳуқуқ ва озодиҳо бо заминаи пайдоиш ва воситаҳои амалигардонии онҳо алоқаманд буда, қисми зиёди онҳо дар ҷараёни фаъолияти ҳаётии инсон ба вуҷуд меоянд ва оқибат ҳуқуқҳои субъективӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқии субъект ташаккул меёбанд.

Тавре, ки таҳқиқот нишон медиҳад, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ ба намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои субъективӣ дохил мешаванд. Барои боз ҳам амиқтар баррасӣ намудани табиати ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, муаллиф кушиш менамояд, ки таносуби ҳуқуқи объективӣ (мавҷудияти меъёрҳои муайян) ва ҳуқуқи субъективиро (имконияти фард оид ба интихоб намудани рафтор дар доираи қонун) кушода диҳад. Баъдан, муаллифи рисола ба он ишора менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои конститусионӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи объективӣ, яъне меъёрҳои конститутсияҳо таҷассум ёфта, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ на ин ки заминаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, балки омили мушаххаси дорои ҳуқуқиро ифода менамоянд.

2. Маҷмӯи вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми томро ташкил медиҳанд. Дар ин замина, таҳти мафҳуми низоми вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандон маҷмӯи мураттабгардидаи вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандон фаҳмида мешаванд, ки аз ҷиҳати таркиби дохилӣ мувофиқ ва ҷузъҳои таркибии он ҳамбаста буда, барои таъмини пурраи амалигардонии манфиатҳои ҷамъиятӣ равона гардидааст. Дар робита бо ин, зарур мешуморем, ки дар баробари усулҳо ва намудҳои мавҷудаи таснифоти вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, таснифи онҳоро аз рӯи хусусият ва таҷассумашон дар меъёрҳои Конститутсия тафриқа намуд: аз рӯи ифодаи воқеӣ ва ифодаи бевосита. Гуруҳи якуми вазифаҳо, дар тасвияти бевосита ифода наёфтаанд, вале ин аҳамияти онҳоро дар назди дигар вазифаҳо кам накарда, балки дар баъзе ҳолатҳо ҳатто муҳимияти онҳоро барои шахс нишон медиҳад. Чунин вазифа аз таҳлили моддаи мушаххаси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки моҳиятан риояи қоидаи дар он пешбинигардидаро талаб менамояд ( масалан, мод.43 «ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст»). Ба гуруҳи дуюм вазифаҳое дохил мешаванд, ки бевосита дар матни моддаи мушаххас намуд ва чораи имконпазири рафторро (ба маънои анъанавӣ) таҷассум менамояд, яъне онҳо ҳамчун вазифаҳои конститутсионии муқаррарӣ, маъмулии инсон ва шаҳрванд маҳсуб дониста мешаванд ( масалан, қ.1. мод. 42 «дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд»; мод 44 «Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст» ва ғайра.).

3. Фаҳмиши асосӣ нисбати рушд ва муайян кардани консепсияи мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс маънидодкунии илмӣ ва таҷассуми ҳуқуқии

чунин заминаҳои бунёдӣ ба мисли, афзалияти давлат ва шахс, бартарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нисбат ба манфиатҳои давлат, муқаррар намудани бегонанашавии ҳуқуқҳои шахс дар ҷомеаро талаб мекунад. Вазъи ҳуқуқии шахс комилан дараҷа ва сифати навро касб намуда, бо давлат ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ мегардад ва риояи принсипҳои эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафайнро тақозо намуда, барои пешгирии инҳисори ҳокимият аз тарафи давлат ва нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа, инчунин аз тарафи давлат эътироф намудани уҳдадориаш оид ба ҳимояи ҳуқук, озодӣ ва манфиатҳои шахс дар ҷомеа, мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, масоили ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд объекти ҳимояи ҳуқуқии давлат маҳсуб ёфта ба уҳдадориҳои давлат оид ба кафолат ва амалигарадонии онҳо дохил мешаванд. Методологияи нави муайян намудани принсипҳои асосии ҳуқуқии вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ва низоми кафолатҳо, ошкор намудани асосҳои ҳуқуқии таҷассуми онҳо ва тавсифии моҳиятии мазмуни онҳо, пешниҳод мегардад. Назарияи нави системавӣ ҷиҳати муайян кардани накш ва ҷойгоҳи кафолатҳо дар таркиби вазъи ҳуқуқии шахс бо роҳи таҳлили маҷмӯии кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз нуқтаи назари асосҳои сохтори конститусионӣ асоснок карда мешавад.

4. Мафҳуми танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ буда, мазмуни он маҷмӯи мукаммали воситаҳои ҳимояи ҳуқуқро дар бар мегирад, ки ба чунин сохторҳои институтсионалӣ ба мисли, байнидавлатӣ (байналхалқӣ), миллӣ (дохилидавлатӣ ва ғайридавлатӣ) ва локалӣ (маҳаллӣ) асос ёфтаанд, ки фаъолияти онҳо ба таъмину ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд дар ҷумҳурӣ равона мегарданд. Қобили зикр аст, ки се сатҳи ҳимоя ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мантиқан ба ҳамдигар вобаста ва дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамбастагӣ доранд, ки қувваи ҳуқуқии гуногун дошта, аз тарафи мақомоти дорои мақом ва ваколати мухталиф муқаррар гардидаанд, ки заминаҳои ибтидоии онҳоро принсипҳо ва меъёрҳои асосии ҳуқуқи миллӣ ва байналмилаӣ ташкил медиҳанд

5. Категорияи бунёдии «падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд», ки дар сатҳ ва дараҷаи баланд хусусияти ҳимоятиро дороанд, таҳия гардидааст. Он ба сифати низоми ягонаи ҷузъҳҳои мураттабгардиаи конститусионии ҳамбаставу аз ҳамдигар вобаста ва воситаҳои механизми ҳуқуқӣ, ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи инсон равона мегарданд.

6. Падидаи конститусионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳайси сохтори махсуси механизми давлатӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад менамояд. Бо назардошти хулосаи мазкур, қайд кардан ҷоиз аст, ки падидаи болозикр хусусиятҳои хос ва консептуалиро доро буда, сохтори ва механизми амалисозии худиро доро мебошад. Тақиқи масъалаҳо, вобаста ба ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд барои амиқтар таҳким бахшидан ба пойдевори раванди ҳуқуқҳифзнамоӣ, ошкор намудани қонуниятҳои асосӣ ва

роҳҳои инкишофи он, инчунин сари вақт бартараф намудани камбудиҳо вобаста ба талаботи назария ва амалияи конститутсионии ватанӣ мусоидат менамояд.

7. Муқаррар гардидааст, ки дар шароити воқеияти ҳуқуқии Тоҷикистон механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тафсири муосирро дар назарияи илмии ҳуқуқии ватанӣ ифода ёфтааст, ба ҳайси мафҳуми мустақили илмӣ амал менамояд. Мафҳуми механизми конститутсионии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо маънои маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ ва низоми мақомотро дар назар дорад, ки қобилияти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванди тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳову стандартҳои байналимлалӣ пешбинишударо доранд. Ҳамчунин, мафҳуми мазкур аз низоми муайяни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷузъҳои расмиётӣ-ташкилӣ ва контролӣ иборат аст, ки бо ҳам робитаи қавӣ доранд ва барои таҳкими пойдевори ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат менамоянд. Воситаҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд механизми худро доро мебошанд, ки он дар навбати худ яке аз рукнҳои серҳаракати механизми ҳимояи ҳуқуқ ва механизми танзими ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

8. Низоми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз фаъолияти субъектҳои табиати гуногун замина гирифта, сохтори ҳуқуқии худро доро мебошад. Вобаста аз муносибат ба ҳокимият, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ фарқ мешаванд, ки самти фаъолияти ҳар кадоми онҳо ба механизми ҳимояи судӣ ва ғайрисудии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Дар иртибот ба хулосаи мазкур, низоми миллии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба се зернизом ҷудо намудан мувофиқи мақсад دониста мешавад: маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ғайрисудӣ); квазисудӣ ва судии механизми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои муайяни ҳуқуқӣ доранд (усул ва воситаҳои ҳимоя, расмиёти ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳимоя).

9. Дар асоси таҳлили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳолати ҳуқуқии мақомоти намояндагӣ (қонунгузорӣ) - ро пешбинӣ менамояд, инчунин ҷамъбасти амалигардонии таҷрибаи мақомоти баррасишаванда дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қудрати ҳимояи ҳуқуқии онро бояд ҷудо намуд, ки дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ифода мегардад, дар ҳуқуқи истисноии Маҷлиси намояндагон вобаста ба қабули санади авф, вобаста ба таъиноти функсионалии Комитет оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон (Маҷлиси намояндагони МО ҶТ), Комитет оид ба таъмини асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният (Маҷлиси миллии МО ҶТ) ва дигарҳо. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз механизмҳои серҳаракат дар фаъолияти мақоми қонунгузории (намояндагии) Чумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои фаъолияти ҳимояи ҳуқуқии он зоҳир мегардад: дар расмиёти контроли парлумонӣ ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; расмиёти баррасии мурочиатҳои интихобкунандагон аз ҷониби вакилон; муҳокимаҳои

парлумонӣ, инчунин расмиёти тафтишоти парлумонӣ. Усулҳои амалигардонии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқии мақоми қонунгузор (намояндагӣ) ҳамчун маҷмӯи восита ва тарзҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд муайян гардидааст, ки ба истифодаи чораҳои боваркунонӣ (фаҳмондани мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, тартиб ва расмиёти шикоят овардан, барқарор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи шаҳрвандон) ва чораҳои маҷбуркунии давлатӣ (контроли парлумонӣ, назорат ва контроли маъмурӣ, контроли судии конститутсионӣ) асос ёфтаанд.

10. Муайян шудааст, ки механизми давлатӣ-иҷроиявӣ ҳамчун воситаи маҷмӯии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ки аз принсипҳои муайян сарчашма мегирад ва ба низоми ягона дохил мешавад ки мақсаду вазифаҳои механизмро дар шакли объект, принсипҳо, субъектҳо, функсияҳои онҳо ва танзими ҳуқуқиро дар худ касб менамояд. Ҳамин тавр, мехнизми давлатӣ-иҷроиявии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба ҳайси зернизоми идоракунандаи механизми умумии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд эътироф намуд. Таҳлили қонунгузории ватанӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳокимияти иҷроия ба муаллиф имкон додааст, ки хусусиятҳо ва як қатор тамоюлҳои умумии инкишофи онро муайян намояд: 1) унификатсияи низоми институтсионалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳокимияти иҷроия, муайян намудани технологияи ҳуқуқии мувофиқати он бо стандартҳои ҳимояи ҳуқуқии байналмилалӣ; 2) соддагардонии дастрасӣ ба падидаҳои давлатӣ-ҳуқуқиии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳокимияти иҷроия.

11. Таҳти мафҳуми кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ маҷмӯи восита ва усулҳои дар қонунгузорӣ муайянгардида фаҳмида мешаванд, ки баҳри кафолатнокии амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз он ҷумла аз таҳдидҳои имконпазир ва воқеӣ, ки дар шакли мудохилаи ғайриқонунӣ ва таҷовуз ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меоянд равона мегарданд. Аз сатҳу сифати кафолатҳо самаранокии амалигардонии ҳуқуқ, пешгирӣ ва бартарфнамоии мудохилаи ғайриқонунӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин барқарорсозии боадолатонаи ҳуқуқу озодиҳои моддӣ ва маънавии вайроншуда вобастагӣ дорад.

12. Ба низоми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ маҷмӯи чунин кафолатҳои умумӣ, ба монанди иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ташкилӣ ва инчунин махсус (ҳуқуқӣ), ки шароитҳои амалигардонӣ ва воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, ки дар сатҳи милли ва байналмилалӣ барои таъмини амлигардонии онҳо муқаррар гардидаанд, дохил мебошанд. Дар низоми умумии кафолатҳо кафолатҳои ҳуқуқӣ функсияи махсусро иҷро меанмоянд, ки онҳо бо ҳуқуқ яъне, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоии давлат алоқаманд буда, аз ҳамин лиҳоз дар фаъолияти ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳо, ҳамчунин дар рафтори худи шаҳрвандон зоҳир мегарданд.

**Дар асоси хулосаҳои мазкур, муаллиф пешниҳоди як қатор тавсияҳои амалиро мувофиқи мақсад мешуморад:**

1. Тартиб ва қоидаҳои унификатсияи стандартҳои миллӣ ва принсипҳои сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки дар соҳаи ҳамкории муназзами Тоҷикистон дар доираи уҳдадориҳо вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон аҳамияти байналмилалӣ доранд, таҷдиди назар карда шавад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки имплементатсияи стандартҳои сатҳи байналимлалӣ зарур ва ҳатто барои солимгардонии вазъи ҳимояи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ҳатмӣ мебошад, вале аз ҳад зиёд воридшавии онҳо бе назардошти манфиатҳои миллӣ таҳдидовар буда, миқёси низоми ҳимояи ҳуқуқии миллиро маҳдуд карда метавонад.

2. Пешниҳод мегардад, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри нав «Оид ба кафолати ҳуқуқии ҳар як шаҳрванд ҷиҳати гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ба тариқи ройгон аз ҳисоби буҷети давлат» ворид карда шавад, талаботи он бояд сохторҳои дахлдори ҳимояи ҳуқукро барои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба даъвогар (ҷавобгар, абдоршаванда, ҷабрдида) уҳдадор намоянд. Вобаста ба ин, зарурияти дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани механизмҳои амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон ба вуҷуд омадааст, ки дар инҳо зоҳир мегардад:

- бо тартиби қонунгузорӣ салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки барои таъмини шаҳрвандон бо ёрии ҳуқуқии ройгон ваколатдоранд ва қабули қарор оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандоне, ки ба чунин намуди хизматрасонии ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доранд, муайян гардад;
- андоза ва тартиби пардохти музди меҳнати субъектҳое,ки ба шаҳрвандон дар доираи низоми давлатии ёрии ҳуқуқии ройгон хизмат мерасонанд ва ҷуброни хароҷоти онҳо барои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, муайян карда шавад;
- ҳаҷми хароҷоти буҷавӣ барои таъмини кафолатҳои амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии ройгон, аз буҷети давлатӣ пешбинӣ карда шавад;
- номгӯи ҳуҷҷатҳо, ки талаби шаҳрвандоро оид ба гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон асоснок менамоянд, муайян карда шавад;
- расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ истиқомат доранд, пешбинӣ карда шавад ва ғ.

3. Махсус ташвишовар масъалаи ҷуброни зарар аст, ки дар натиҷаи амалҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба шахс, ки ба он қонунгузор кам аҳамият медиҳад ё дар баъзе ҳолатҳо умуман дар қонун меъёри дахлдор мавҷуд нест. Сабаб дар он аст, ки дар бисёр ҳолатҳо, ба номукамалии қонунгузории дохилидавлатӣ, номувофиқатӣ ва дар баъзе мавридҳо мухолифати меъёрҳои падидаҳои соҳавӣ, вобаста мебошад.

Исбот гардидааст, ки ҷуброни зарар аз тарафи давлат падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Хусусияти оммавӣ-ҳуқуқии он, аввало, аз эътирофи ҳуқуқ ба ҷуброни зарар аз тарафи давлат ҳамчун яке аз ҳуқуқу озодиҳои асосии шахс бармеояд, дуввум табиати оммавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии

давлатро ифода менамояд, зеро чунин ҷавобгарӣ дар асоси амалигардонии ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ки хилофи қонунгузорӣ ҳастанд (аз доираи ваколатҳо баромадан, иҷро накардан ё сари вақт иҷро накардани ваколатҳо ва ғ.) ба вуҷуд меояд.

Дар чунин ҳолат, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҷуброни зарар аз тарафи давлат, ки аз амал (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдори он расонида шудааст» тақозо карда мешавад.

4. Диққати асосӣ ба ҷавобгарии конститутсионӣ дода мешавад, ки таҳияи намунаи номгӯи намудҳои онро зарур мешуморем, ҳамчунин доираи мақомот, ташкилотҳо, шахсони мансабдор, ки нисбати онҳо чораҳои ҷавобгарии конститутсионӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд татбиқ мегарданд, муайян карда шавад. Муаллиф зарурияти қабули санади меъёрии ҳуқуқии махсусро асоснок менамояд, яъне дар баробари Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қабули Кодекси мурофиаи конститутсионии Ҷумҳурии пешниҳод мегардад, ки фаъолияти мақомоти мурофиаи судии конститутсиониро танзим меанамояд.

Андешаҳои зикргардидаро ҷамъбаст намуда, қайд менамоем, ки ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ гардидааст. Асосҳои ҷавобгарии конститутсионӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз матни Конститутсия ва қонунгузорӣ бармеоянд, на ин ки бевосита дар он дарҷ гардидаанд. Қобили зикр аст, ки мавқеи конститутсионӣ оид арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар иртибот ба мақомоти ҳокимияти давлатии тамоми сатҳҳо ва шахсони мансабдори онҳо на он қадар қотеъона бо чораҳои ҷавобгарӣ таъмин аст. Аҳамияти ҷавобгарии конститутсиониро барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба инобат гирифта, қабули қонуни алоҳида «Дар бораи ҷавобгарии конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи мақсад маҳсуб мегардад, ки консепсияи он аз муқаррароти мазкур маншаъ мегирад: асоси ҷавобгарии конститутсионӣ на танҳо содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, балки ҳама гуна дуршавӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешавад. Соҳае, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл дорад амали механизмеро касб менамояд, ки ба «ҳокимияти амудӣ» хос мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо расмиёти судӣ ва ғайрисудӣ таъмин мегардад.

5. Ба назари мо, танзими ҳуқуқӣ бидуни ташаббусҳои қонунгузорӣ ғайриимкон аст, ки ғояҳои онҳо дар натиҷаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар ҷараёни татбиқи салоҳияташ оид ба мусоидат ба риояи ҳуқуқу озодиҳо, барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Бо ин мақсад, барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ байни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва мақомоти қонунгузорӣ зарур аст, ки ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи

инсон вобаста ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шавад ва дар сатҳи қонунгузории ватанӣ ифодаи худро ёбад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз муайян намудани асосҳои консептуалии механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, ҷузъҳои сохтории он вобаста аз табиати ҳуқуқӣ-конститутсиониашон бояд таҳия ва ба тартиб дароварда шаванд, нақши функсионалии мехнизми ҳуқуқии мазкур дар фаъолияти амалии субъектҳои дахлдори фаъолияти ҳуқуқҳимоявии кишвар бояд муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бояд барои такмил ва рушди асосҳои назариявӣ – ҳуқуқии илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мусоидат намоянд.

Донишҳои назариявӣ дар партави масоили илмӣ барои ҳалли масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳо, беҳтар кардани сифати фаъолият ва самарабахшии таъсири мутақобилаи ҷузъҳои асосии механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Тафсир ва асоснокии назариявӣ ва ҳуқуқии заминаҳои истилоҳотии таҳқиқот ба азхудкунии низом ва сохтори ҷузъҳои асосии механизми конститутсионӣ – ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд, моҳият, мазмун ва хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқиҳимоявии субъектҳои онро вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ ва дараҷаи иштироки онҳо дар танзими ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон, муайян мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Хусусияти амалии натиҷаҳои илмии рисола дар такмил додани танзими конститутсионӣ ва хусусан қонунгузории ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани нерӯ ва самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар зоҳир мегардад.

Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бунёди сохторӣ - ташкилӣ, таъминоти сохторӣ - функсионалӣ ба фаъолияти ҳуқуқҳимоявӣ ҳамчун роҳи фаъолияти механизми танзими конститутсионӣ - ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунанд ва дар ташкили ба тартиб даровардани ҳудуди фаъолияти ҳимояи ҳуқуқӣ дар дохили кишвар ва берун аз он, инчунин баланд бардоштани сифат ва самаранокии амалияи ҳимояи ҳуқуқи инсон низ мусоидат менамоянд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар интихоби усулҳои он, истифодаи манбаи васеи назариявӣ ва амалӣ, таҳлили қонунгузории ҶТ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти ҳуқуқи инсон ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот аз лиҳози илмӣ асоснок будани ақидаҳо ва мафҳумҳои муаллиф кафолат дода мешаванд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз он бармеояд, ки аввало, натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо дарназардошти натиҷаҳои назариявӣ, хулоса, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавада ва тавсияҳои амалӣ дастоварди бевоситаи диссертант буда, онҳо аз ҷониби ӯ ба таври дақиқ

қоллаббандӣ ва таҳлил гардидаанд. Баъдан, ба сифати навгонии илмии диссертатсия таҳқиқот ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрам ва такмили падидаи конститутсионӣ ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон иҷро гардидааст ва дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима шуда ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар монграфияҳои нашргардида, мақолаҳои илмӣ, инчунин конференсияҳои илмӣ – амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла:

Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии «Масоили мукаммалнамоии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ дар шароити гузариш» бахшида ба 20-мин солгардӣ истиқлолияти Тоҷикистон ва 15-умин солгарди таъсиси ДСРТ (Тоҷикистон, ш.Душанбе, апрели соли 2011) дар мавзӯи «Хусусиятҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: назария ва амалия»; Конференсияи байналхалқӣ “Ҳимояи ҳуқуқии қишри осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ” (Тоҷикистон, ш.Душанбе, июни соли 2011) дар мавзӯи “Механизмҳои хуқӯқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити муосир”; Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии “Қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа” (Россия, ш.Новосибирск, майи соли 2012) дар мавзӯи “Масоили мубрами кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”; Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии “Нақши ҳуқуқ дар ҷомеаи муосир: дастовард ва дурнамо” (Тоҷикистон, ш. Душанбе, октябри соли 2014) дар мавзӯи “Такмили қонунгузории конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти миллӣ”; Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Конститутсия – кафили ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилот” (Тоҷикистон, ш.Душанбе 17 октябри соли 2014) дар мавзӯи “Хусусиятҳои кафолатҳои давлатӣ доир ба ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил: мушкилот ва роҳи ҳалли он”; Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии “Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: вазъи кунунӣ ва мушкилот” (Тоҷикистон, ш.Душанбе 23 октябри соли 2015) дар мавзӯи “Баъзе ҷанбаҳои усулҳои ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқукии инсон ва шаҳрванд дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон ва Россия”; Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии “Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносӣ: назария ва амалия” ба бахшида ба 25-мин солгардӣ истиқлолияти Тоҷикистон ва 20-умин солгарди таъсиси ДСРТ (Тоҷикистон, ш.Душанбе 27-28 октябри соли 2016) дар мавзӯи “Баъзе ҷамбаҳои дигаргунсозии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ”; Конференсияи панҷуми байналхалқии илмӣ-амалии “Низоми миллии ҳуқуқии

ҶТ ва давлатҳои ИДМ: таҳлили равандҳо ва дурнамои рушд" (Тоҷикистон, ш.Душанбе, 31 октябри соли 2017) дар мавзӯи "Фаъолгардии ҳуқуқӣ ҳамчун асоси амнияти фаоъолияти шахс дар ҷомеа"; Конференсияи шашуми байналхалқии илмӣ-амалии "Инкишофи илми ҳукуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалия" (Тоҷикистон, ш.Душанбе 31 октябри соли 2018) дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар амалисозии идоракунии давлатӣ дар шароити давлатдории Россия"; Конференсияи ҳафтуми байналхалқии илмӣ-амалии "Инкишофи илми ҳукуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалия" (Тоҷикистон, ш.Душанбе 31 октябри соли 2019) дар мавзӯи "Хусусиятҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии дигаргуниҳо ва арзиши усулҳои конститутсионӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон".

Муқаррароти асосии диссертатсия дар се монография ва 21 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои асосӣ метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳимояи ҳуқуқ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода шаванд. Албатта, натиҷаҳои илмии дар боло овардашуда ва методологияи тадқиқот метавонанд барои гузароинидани дарсҳои лексионӣ аз рӯи фанҳои зерин истифода шаванд: «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон», «Механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Вазъи ҳуқуқии шахсият дар ҷомеаи муосир: масъалаҳои назария ва амалия» ва инчунин дар маҷмӯъ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат намоянд.

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия**. Рисола аз муқаддима, чор боб, ки чаҳордаҳ зербобро дар бар мегирад, хулоса ва аз номгӯи сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашудаву адабиёти илмӣ иборат мебошад.

## МӮҲТАВОИИ АСОСИИ КОР

Муқаддима асосноккунии мавзӯро дар бар гирифта, дар он мубрамият ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ баён гардидааст, ҳамчунин мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ифодаи худро ёфтаанд, асосҳои назариявӣ ва методологии рисолаи ба ҳимоя пешниҳодгардида нишон дода шудаанд, навгонии илмӣ, ва хулоса ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ифода ёфтаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии омӯзиш нишон дода шудааст, оид ба тасвиби натиҷаҳои кор маълумот дода мешавад, сохтори он асоснок шудааст.

**Боби аввал «Асосҳои конститутсионии мустаҳкамсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат аст. Нуқтаи ибтидоии диссертатсия муайян кардани мафҳум ва

асосноккунии консептуалии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ғайр аз ин, дар рисола асосҳои ҳуқуқӣ, низом ва таснифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон муайян ва ифодаи худро ёфтаанд.

**Дар зербоби якуми боби аввал «Табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ»** зикр гардидааст, ки мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба сифати "асосӣ" бунёд ёфта аз низоми умумии ҳуқуқу озодиҳо ҷудо шудаанд. Ин муқаррарот аз табиати ҳуқуқии онҳо бармеояд, ки маҷмӯи хусусиятҳои хосро доро мебошанд ва бо ин васила аз тамоми низом ҷудо карда мешаванд.

Дар ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионӣ ҷомеаи ягонаи диалектикии, давлат, инсон ва шаҳрванд зоҳир мегардад. Муаллиф ақидаи хусусияти субъективӣ доштани ҳуқуқҳои конститутсиониро ҷонибдорӣ намуда, бо ҳамин васила мафҳумҳои зиёди ҳуқуқи субъективиро, ки дар илм мавҷуданд, мисол меорад. Фаҳмиши ҳуқуқи субъективӣ имконияти ҳуқуқии истифода аз арзишҳои иҷтимоиро дорад. Ҳар як ҳуқуқи субъективӣ имконияти истифодаи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеаро ифода менамояд. Ҳуқуқи субъективӣ ҳама вақт ҳуқуқ ба чизе, ба ягон объект, ки дар муносибатҳои моддӣ, маънвӣ ва сиёсӣ арзиши муайянро дорад. Дар рисола мафҳуми вазифаҳои конститутсионӣ, дар аз рӯи фаҳмиши умумӣ дар бораи ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ муайян мегардад. Ба ақидаи муаллиф, ӯҳдадриии ҳуқуқӣ ҳамчун намуд ва чораи рафтори зарурии ҷамъиятии тибқи қонун муқарраршуда мебошад, ки ҷавобгӯи манфиати умумии ҷамъиятӣ буда, дар сурати вайроншавӣ бо чораҳои маҷбуркунии давлатӣ таъмин мегардад.

Аввало, тавре таҳқиқот нишон медиҳад, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд хусусиятҳои моддӣ ва расмӣ доранд. Ҳуқуқу озодиҳое, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, дар робитаҳои мухталиф зоҳир мегарданд, ки манфиатҳои тарафайни шахс ва давлатро ифода менамоянд. Расман, ҷанбаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ дар шакл ва усулҳои таҷассуми онҳо дар меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунҳои соҳавӣ ифода мегарданд.

Дуюм, мувофиқи асосҳои моддӣ ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ ҳам аз рӯи хусусияти хос ва ҳам аз рӯи таъинот фарқ карда мешаванд. Ба ҳайси ченаки асосӣ ҳуқуқҳои инсон қобилияти муайян намудани арзишҳои моддӣ ва иҷтимоиро доранд, ки аз лаҳзаи тавваллуди инсон ба вуҷуд меоянд. Ҳуқуқҳои шаҳрванд дар раванди эътирофи ҳуқуқҳои инсон аз тарафи давлат, ташаккул меёбанд, ки ба онҳо ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ғайр аз ин, муаллиф муайян менамояд, ки хусусияти табиати ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо бо заминаҳои бавуҷудоӣ ва усулҳои амалигардонии онҳо алоқаманд буда, қисмати зиёди онҳо дар раванди фаъолияти ҳаётии инсон ба вуҷуд меоянд ва оқибат ҳуқуқҳои субъективӣ ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқии субъект ташаккул меёбанд. Вале, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии

шаҳрвандон ва ҳуқуқҳои субективии оддиро баррасӣ намуда, фарқият ва монандии онҳоро муайян кардан мумкин аст.

Дар иртибот ба муққарароти мазкур, муаллиф қайд менамояд, ки барои амиқтар бррасӣ намудани табиати ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳо, таносуби ҳуқуқи объективӣ (мавҷудияти меъёрҳои муайян) ва ҳуқуқи субъективӣ (имконияти фард барои намуди рафтор дар доираи қонун) бояд муайян гардад. Аз ин бармеояд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи объективӣ, яъне дар меъёрҳои конститутсионӣ таҷассуми худро ёфта, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, на ин ки заминаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, балки омилҳои мушаххаси соҳибҳуқуқиро доро мегарданд.

**Дар зербоби дуюми боби якум «Низом ва таснифи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд»** мафҳуми низоми ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд муайян гардида тавсиф ва таснифи онҳо роҳандозӣ гардидааст.

Муаллифи рисола мафҳуми «хусусиятҳои ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»-ро ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи як гуруҳи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳо аз дигараш, ки имкони дарк намудани на танҳо мазмуни онҳо, дараҷаи инкишофи минбаъда, балки ҷойгоҳи онҳоро дар низоми ҳуқуқии ватанӣ, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Вобаста ба вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, муаллиф чунин хусусиятҳояшонро ҷудо менамояд: аввало, императивӣ, меъёрӣ зарурии имконпазири рафтор, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст; дуюм, ҳамеша – чора ва намуди рафтори зарурӣ; сеюм, мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати давлат, ҷомеа ва худи шахс пешбинӣ гардиддааст; чорум, иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ бо санксияҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, ки дар қонунгузории соҳавӣ дар асоси меъёрҳои конститутсионии кишвар пешбинӣ гардидаанд, таъмин карда мешавад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтори инсон ва шаҳрвандро дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун, имконияти бевосита интихоб намудани намуди мушаххаси рафтор, ё ин ки бо роҳи ба онҳо вогузор намудани иҷрои уҳдадории муайян дар доираи муқаррарнамудаи қонун, танзим менамояд. Дар ҳолати аввал, шахс ба ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ соҳиб мешавад, дар ҳолати дуюм ба зиммаи ӯ вазифаҳои конститусионӣ вогузор карда мешаванд. Таҷассуми конститутсионии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионӣ- ин усулҳои аз ҷиҳати органикӣ алоқаманди танзими ҳуқуқии рафтори одамон ҳастанд, ки бе онҳо танзими ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ин замина, муаллиф чунин мафҳуми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро муайян мекунад: ин имкониятҳои (меъёрҳои) муҳимтарин (аз ҷиҳати маънавӣ) барои шахс, ки дар Конститутсия муқаррар ва кафолат дода мешаванд, интихоби намуд ва меъёри рафторро пешбинӣ намуда, барои истифода аз арзишҳои ҷамъиятӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботаш имконият медиҳанд.

Ғайр аз ин, рисоланавис чунин воситаҳои таснифоти ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро пешниҳод менамояд: 1) аз

рӯи хусусиятҳои субъектҳо онҳоро ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва ҳуқуқ, озоӣ ва вазифаҳои шаҳрванд тасниф кардан мумкин аст; 2) аз рӯи хислати амалигардонӣ ба коллективӣ ва фардӣ; 3) аз рӯи хусусияти ташкилшавӣ асосӣ (конститутсионӣ) ва иловагӣ (ғайриасосӣ); 4) аз рӯи пайдоиш ба табиӣ ва ғайритабиӣ (таҳияшуда, ифодагардида).

Таснифи бештар муносиб аз рӯи соҳаҳои асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат гирифтааст. Бо назардошти ин хусусият, тасниф мешаванд: шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Вале таснифи мазкур мисли дигар намуди таснифот нисбӣ мебошад, чунки ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳо тибқи он ба ду ё зиёда гуруҳҳои таснифотӣ дохил мешавад.

**Дар зербоби сеюми боби якум «Мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс, моҳият ва мазмуни он»** таъкид мегардад, ки яке аз шартҳои рушди бемайлон ва босуботи ҷомеа ва давлат муайян кардани ҳолати ҳуқуқии инсон (шахс), муқаррар намудани доираи ваколатҳо ва таъмини ҳуқуқу озодиҳо ӯ маҳсуб меёбад. Аҳамият ва мафҳуми шахсият аз лиҳози ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ, этикӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад.

Муқаррароти мазкур аз хусусиятҳои муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва шахс вобастагӣ дорад: аввало, давлат барандаи ҳокимият аст, инсон бошад ҳамчун субъект дар тобеияти ҳокимият аст; дуюм, ягона дорандаи ҳокимият халқ аст, давлат бошад ба сифати механизми фаъолияти ҳокимияти баромад менамояд. Чунин нуқтаи назар, ки боиси мутобиқат ва муназамии тартиби расмиёти муносибатҳои байни давлат ва шахс мегардад, ки дар мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд инъикос меёбад.

Таҳлили нуқтаи назар ба муайян намудани мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс собит гардид, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз ҷузъҳои муҳимми таркибии он эътироф мегарданд. Муаллиф ба он диққат медиҳад, ки дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мафҳуми ягонаи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии шахс ва эътирофи ҷузъҳои таркибии он ба мисли қобилияти ҳуқуқдорӣ, кафолатҳо, манфиатҳои қонунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд нест.

Аз ҳамин лиҳоз, сохтори вазъи ҳуқуқии шахс ва таркиби он ба тарзи мухталиф тафсир меёбад. Ба андешаи мо, аз як тараф ба сохтори вазъи ҳуқуқии инсон дохил намудани шаҳрвандиро зарур мешуморем, ки он ба сифати падидаи махсус функсияи дугонаро иҷро менамояд. Аввало, он нақши ҷузъи асосии асосҳои сохтори конститутсиониро иҷро менамояд, дуюм ба ҳайси асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд баромад менамояд. Дар ин ҳолат функсияи якум бевосита буда, функсияи дуюм мавқеи бавоситаро ишғол менамояд.

Аз тарафи дигар, падидаи шаҳрвандӣ заминаи бунёдӣ маҳсуб меёбад, ки барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахс дар ҳаҷми пурра мусоидат менамояд. Чунин ифода барои муайян намудани хусусиятҳои мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шаҳрванд» ва «вазъи ҳуқуқии шахс» равона гардидааст, ки дар он охирон мафҳуми васеътар мебошад.

Ғайр аз ин, фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд, ки ба таркиби вазъи ҳуқуқии шахс ворид намудани чунин ҷузъҳои таркибӣ ба мисли, кафолатҳои манфиатҳои қонунӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, ҷавобгарии ҳуққӣ ва ғайраро пешниҳод менамоянд. Дар ин ҳолат, баъзе қисмҳои таркибӣ ҳамчун замина, ё ин ки ҷузъҳои таркибии сатҳи дуюм нисбати якум эътироф мегарданд, ё ин ки онҳоро ба ҳайси категорияҳое, ки аз доираи вазъи ҳуқуқӣ мебароянд маҳсуб медонанд. Масалан, барои падидаи шаҳрвандӣ ба ҳайси заминаи вазъи ҳуқуқӣ қобилияти ҳуқуқдории умумӣ баромад намуда, ҷавобгарӣ нисбати уҳдадориҳо мавқеи дуюминдараҷаро ишғол менамояд.

Ҳамин тавр, муаллиф асоснок намудааст, ки асосҳои вазъи ҳуқуқии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дебоча, меъёрҳои боби якум ва дуюми Конститутсия таҷассум ёфтаанд. Дар асоси муқаррароти мазкур таҷассуми меъёрии мафҳумҳои бунёдии вазъи ҳуқуқии шахс ва низоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд пешбинӣ гардидааст. Таҷассуми амиқро асосҳои вазъи ҳуқуқии шахс асосан дар давлати мо пеш аз ҳама дар меъёрҳои Конститутсия ёфтаанд. Дар иртибот ба ин, муаллиф ба чунин хулосаҳо омадааст. Аввало, низоми муносибатҳое, ки байни шахс ва давлат ба вуҷуд меоянд, қобилияти муайян намудани асосҳои вазъи ҳуқуқии шахсро дороанд, ки на танҳо хусусияти аввалиндараҷаро доранд, балки моҳият ва мазмуни робитаи тарафайни давлат ва шахсро ифода менамоянд. Дуюм, тибқи меъёрҳои Конститутсия барои муайян намудани на танҳо ҳар як ҷузъи таркибии вазъи ҳуқуқии шахс дар алоҳидагӣ, балки тамоми қисмҳои таркибии вазъи ҳуқуқии шахс ҳамчун падидаи комплексии ҳуқуқӣ заминаҳои бунёдӣ пешбинӣ гардидаанд. Сеюм, дар асоси меъёрҳои Конститутсия нуктаҳои аввалиндараҷа ва ибтидоии фаъолияти шахс дар ҷомеа муайян мегардад. Ҳамчун қоида, нуктаҳои умумӣ дар асоси мақоми шаҳрвандон мушаххас мегарданд, ки гуруҳҳо ва қисмҳои алоҳидаро (иҷтимоӣ, синну солӣ, касбӣ ва ғ.) аз рӯи сифат ва хусусияҳояшон ташаккул медиҳанд. Асоси вазъи ҳуқуқии шахсро на танҳо мансубияти ӯ ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар аломатҳо ва хусусиятҳояш ташкил медиҳад. Чорум, дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти ибтидоии вазъи ҳуқуқии шахсони бешаҳрванд ва шаҳрвандони хориҷӣ пешбинӣ гардидаанд, ки тартиби ташаккулёбиашон бо асосҳои ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон иртиботи қавӣ дорад. Ҳамин тариқ, вазъи ҳуқуқӣ, ҳамчун категорияи сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҷанбаҳои муҳимми муносибатҳоеро, ки байни шахс ва давлат ба вуҷуд меоянд, ифода менамояд.

**Боби дуюм «Ҳимояи конститутсионӣ -ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили масъалаҳои ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, унсурҳо ва принсипҳои он бахшида шудааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм «Мафҳум, моҳият ва мазмуни** ҳимояи **давлатӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ваозодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мафҳум ва хусусиятҳои амали падидаи давлатӣ – ҳуқуқии

ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки категорияи «ҳимояи давлатӣ» дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусан дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва илм ба маънои гуногун истифода мегардад. Тартиби истифодаи он дар қонунгузорӣ, чун қоида дар бисёр ҳолатҳо хусусияти абстрактӣ дорад ва имконияти давлату мақомоти онро оид ба ҳимояи ин ё он ҳуқуқ муайян намуда, бо вуҷуди ҳамин мушаххас нашудааст, ки сухан дар бораи ҳуқуқҳои вайроншуда меравад ё дар бораи кафолатҳо, шаклҳои амалигардонии ин ё он ҳуқуқ.

Тафсири истилоҳи «ҳимоя» дар Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор категорияҳо ҷудо мешавад: ҳимояи давлатӣ (қ.3 мод.5); ҳимояи судӣ (қ.1 мод. 19); ҳимояи иҷтимоӣ (қ.1 мод.35) ва ғ. Категорияи «ҳимояи давлатӣ» нисбат аз мафҳуми «ҳимояи иҷтимоӣ» васеътар аст. Ин мафҳумҳо як нестанд, вале охирон метавонад қисм ё ҷузъи таркибии ҳимояи давлатӣ бошад. Амалан, дар қонунгузорӣ мафҳуми «ҳимояи давлатӣ» бо мақсади ҳимояи категорияи алоҳидаи шахсон бо назардошти аҳамияти соҳавиаш татбиқ мегардад.

Аз ҷумла, дар қ.1, б.9 мод. 34 ва мод. 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳимояи хизматчии давлатӣ ва оилаи ӯ аз ҳамагуна шиканҷа, таҳдид ва амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиаш бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва таъминоти иҷтимоии ӯ муқаррар гардидааст; дар қ.2 мод.21 боби сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷкистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014 муқаррар гардидааст, ки «давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, барорбарҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқии ҳама гуна шаклҳои моликият аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» ва ғ.

Мафҳуми ҳимояи давлатӣ, ки дар меъёрҳои конститутсионӣ пешбинӣ гардидааст, маънои онро дорад, ки: аввал, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун ӯҳдадории давлат дар он ифода меёбад, ки мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии аз номи давлат баромадкунанда ухдадоранд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳимоя намоянд, дуюм, кафолати давлатии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсия маънои дар меъёрҳои он таҷассум ёфтани механизмҳои мушаххаси ҳимоя ва низоми кафолатҳо бо мақсади ҳимояи пурраи онҳоро дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи меъёрҳои конститутсионӣ пешбинигардида ҳамчун фаъолияти муайяни мақомот ва тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мегардад. Аз ин бармеояд, ки ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар алоҳидагӣ фаъолият намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бояд дар сатҳи зарурӣ таъмин, кафолат ва ҳимоя намоянд. Дар партави ҳимояи давлатӣ баъзе заминаҳо пешбинӣ гардидаанд: а) таҷассуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар меъёрҳои қонунгузорӣ; б) тартиб ва шартҳои таъмини онҳо ба воситаи кафолатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мегардад; в) мавҷудияти механизмҳои самараноки

дахлдор, ки қобилияти таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро доранд.

Ҳамин тавр, низоми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар он воситаи муҳим ҳимояи давлатӣ мебошад ташаккул меёбад. Дигар воистаҳои ҳимоя ба ҳайси механизми иловагӣ баромад мекунанд. Барои ҳамин, маҷмӯи воситаҳо (ҳавасмандкунанда ва маҷбуркунанда), ки давлат ва мақомоти он соҳибанд, метавонанд мувафаққона барои ҳимояи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода гарданд.

Мувофиқи Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати объектҳои ҳимояи давлатӣ баромад мекунанд: ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ӯ, ахлоқ, шаъну шараф, номус, номи нек, саломатӣ ва ғ. Бори аввал ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун объекти ҳимояи давлатӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тавр, муаллифи рисола ба хулоса меояд, ки мазмуни ҳимояи давлатӣ аз як қатор омилҳо иборат аст: а) давлат ӯҳдадор аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд; б) мувофиқати амиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун падидаи алоҳида бо меъёрҳо, принсипҳо ва стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ; в) танзими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ хусусияти амалкунии бевосита доранд; г) ба ҳар фард, ҳар инсон ҳуқуқ ва озодиҳо бо шароитҳои баробар дода шудаанд.

Ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикитстон бо тартиби махсус муқаррар гардидааст ва ӯҳдадории давлат ва мақомоти он мебошад. Онҳо ба ҳайси аҳамияти махсуси иҷтимоидошта аз дигар меъёрҳои қонунгузорӣ бо дараҷаи баланди муқаррароти расмӣ фарқ мекунанд.

Муҳим он аст, ки давлат, мақомот ва шахсони мансабдори он соҳиби ҳокимияти давлатӣ ҳастанд ва онро бояд тарзе истифода баранд, ки амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳарчи бештар самараноктар таъмин намоянд.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм «Унсурҳои асосии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз нуқтаи назари муаллиф, ягонагии функсионалии онҳо ба муайянкунандаи сифатии падидаи номбурда таъсир мерасонад. Рисоланавис ба сифати унсурҳои (ҷузъҳои) асосии он меъёрҳои ҳимояи ҳуқуқ, принсипҳо, субъектҳо, объектҳо ва кафолатҳоро маҳсуб медонад. Онҳо бо қонунгузорӣ ва муқаррароти конститутсионӣ, инчунин принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ алоқаманд мебошанд.

Таҳқиқоти унсурҳои асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд барои муайян кардани хусусиятҳои хос, мазмун, таъсири мутақобила ва инкишофи онҳо мусоидат менамояд. Моҳияти падидаи таҳқиқшаванда аз рӯи вазифаҳои гузошташуда муайян карда мешавад, ки иҷрои муваффақонаи онҳо барои таъмини воқеии ҳолати муҳофизати

тамоми субъектҳои таҳти юрисдиксияи Тоҷикистон қароргирифта мусоидат менамояд.

Унсури падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ маҷмӯӣ меъёрҳои муайяни ҳуқуқиро дар бар мегирад. Муаллифи рисола меъёрҳои ҳуқуқҳимоявии конститутсиониро бо мақсади муайян намудани таъиноти гуногуни онҳо мавриди таснифот қарор додааст. Ҳамин тавр, рисоланавис қоидаҳои рафтори субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро ба диспозитивӣ (рафтори имконпазир) ва императивӣ (ҳатмӣ) ҷудо менамояд; чораҳои хусусияти ҳуқуқҳимоявии умумӣ ва истисноидошта муайян шудаанд; механизмҳои ибтидоӣ ва сохтаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешниҳод мегарданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакл ва сатҳи сарчашмаҳоро муайян менамояд, ки дорои муқаррарот оид ба ҳимояи ҳуқуқ мебошанд.

Унсурҳои асосии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро принсипҳо ташкил медиҳанд, ки заминаҳои маънавӣ-этикӣ ва ҳуқуқӣ доранд. Чунин ҷанбаи маънавӣ-ҳуқуқӣ ба андешаи муаллиф мавқеи падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҳким бахшида, онро аз соҳаи мутлақо расмӣ бароварда, ба инсон наздик мекунад, ки барои устувор гардидани он мусоидат намуда, кафолати нигоҳ доштани асолати он бо мурури замон маҳсуб меёбад.

Барои муайян намудани гуногунии мазмун ва хусусияти хоси принсипҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муаллиф таснифоти онҳоро роҳандозӣ намудааст. Як қисми чунин принсипҳо дар рисола ҳамчун асоси меъёрии низоми таҳқиқшаванда муайян гардида, дар чунин маврид онҳо шакли меъёрҳои конститутсиониро доро буда, бо чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ҳимоя мешаванд ва универсалӣ мебошанд, зеро барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии инсон дар тамоми ҳудуди кишвар аз рӯи стандартҳои ягонаи конститутсионӣ татбиқ мегарданд. Дар робита ба ин, хусусиятҳои танзими гуруҳи номбурдаи ҳуқуқҳои инсон мавҷудияти принсипҳои махсуси ҳимояи онҳоро тақозо менамояд.

Унсури навбатии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро субъектҳои он ташкил медиҳанд, ки намудҳои гуногун доранд. Рисоланавис субъектҳоро таҳлил намуда, онҳоро ба гуруҳҳои иҷтимоӣ ва субъектҳои ташкилии ҳимояи ҳуқуқ ҷудо менамояд. Ҳар кадоме аз ин гуруҳҳо намудҳои хоса доранд: субъектҳои ташкилии ҳимояи ҳуқуқ метавонанд сифати оммавӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошанд ё ин ки ба ҳайси субъектҳои инфиродӣ ё коллективӣ баромад кунанд. Субъектҳои ташкилии оммавӣ, ки муаллиф онҳоро бинобар муносибаташон ба ҳокимият ҷудо намудааст, сатҳи конститутсионии худро доро мебошанд, аз ҷумла давлатӣ (қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ), мақомоти худидоракунӣ ва байнидавлатӣ.

Унсури дигари падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро объектҳо ташкил медиҳанд, ки фарогири ҳуқуқ ва озодиҳо буда, намуди алоҳидаи онҳо маҳсуб меёбанд.

Муаллиф асоснок менамояд, шахси таҳти юрисдиксияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қароргирифта вазъи ҳуқуқии гуногун дорад: оддӣ (шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд), махсус (кӯдакон, маъюбон, пиронсолон) ва истисноӣ (шахсони дар содир намудани ҷиноят айбдоршаванда, дастгиршуда, маҳбусон, судшудагон, ҷабрдидагон аз сӯиистифодаи ҳокимият).

Барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои объектҳои «махсус» ва «истисноӣ»-и номбурда падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии таҳқиқшаванда чораҳо ва расмиёти махсус пешбинӣ мегарданд, ки зарурияти таҳқиқи алоҳидаи онҳоро тақозо менамояд.

Ҳуқуқ ва озодиҳо ҳамчун объектҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мазмунашон гурӯҳбандӣ шудаанд: шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимофарҳангӣ. Чунин таснифот, ки аз санадҳои байналмилалӣ замина мегирад, ба ақидаи муаллиф, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ мебошад, азбаски барои дақиқ намудани ҳолати бавуҷудомада ва таҳияи чораҳои ҳимоявӣ барои ин ё он гуруҳи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқ мусоидат менамояд.

Нақши асосиро миёни унсурҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба андешаи рисоланавис кафолатҳо ишғол менамояд. Қисме аз онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфта, бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбии ҳуқуқҳимоявӣ, мазмунан дар қонунгузорӣ инкишоф меёбанд. Ҷанбаҳои асосии кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва амалигардонии онҳо ба таври муфассал дар боби норуми рисола баррасӣ гардидааст.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм «Табиати ҳуқуқии принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон »**, ғояҳои аввалия ва асосӣ баррасӣ мегарданд, ки бояд барои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дахлдори ҳимояи ҳуқуқ баҳри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон асос мешаванд.

Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои муносибати мутақобилаи давлат ва шаҳрвандро пешбинӣ намудааст, ки дар асоси онҳо дигар санадҳои қонунгузорӣ ташаккул ёфта, моҳияту мундариҷаи онҳоро ифода мекунанд. Принсипҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо муқаррароти умумии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танзим мекунанд.

Муаллиф асоснок мекунад, ки принсипҳои конститутсионӣ бояд аз принсипҳои ҳуқуқ, ки аз худи материяи ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд, фарқ карда шаванд, зеро онҳо тамоми масъалаҳо, ғояҳо, меъёрҳо ва муносибатҳои ҳуқуқиро фаро мегиранд ва ба он ифодаи мантиқӣ, пайдарҳамӣ ва мувозинат медиҳанд. Принсипҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда аз рӯи хусусият, ҳаҷм, хислат ва миқёси таъсир ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра гуногун мебошанд. Хусусиятҳои танзими конститутсионӣ дар сатҳҳои гуногун тавассути принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи универсалии

ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, муаллифи рисола таъкид менамояд, ки вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ кумак ба қонунгузор бо роҳҳои ҳуқуқӣ, яъне «муқаррар намудан», «табдил додан»-и қоидаҳои воқеии рушди ҷомеа дар принсипҳои конститутсионӣ мебошад.

Дар асоси ин, муаллиф чунин мешуморад, ки принсипҳои конститутсионӣ, ки қонуниятҳои воқеиро ифода мекунанд, хусусияти танзимномоӣ дошта, ба ташкили муносибатҳои конститутсионӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои худро доро аст. Ба сифати асосӣ метавон дараҷаи олии умумият, меъёрӣ ва универсалиро ҷудо намуд. Таваҷҷуҳ ба се ҷанбаи талаботи танзимкунанда бояд нигаронида шавад: а) номуайян будани шахсе, ки нисбати ӯ татбиқ мегарданд, яъне паҳншавӣ нисбати шумораи номуайяни шахсон; б) имконияти татбиқи такрорӣ; в) нигоҳдории амали фармоиш, новобаста аз иҷрои он.

Таснифи принсипҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, ба андешаи муаллиф, бояд дар асоси аломатҳои хоси онҳо анҷом дода шавад. Ба ҳайси асосҳои гурӯҳбандӣ ҳамаи аломатҳо истифода нашуда, балки танҳо он аломотҳое истифода мегардад, ки қонуниятҳои дохилии барои ҳама якхеларо инъикос менамояд. Дар ин ҳолат, вобаста ба вақт ва хусусияти амалашон ба принсипҳои доимӣ ва маҳдуди фаъолият тақсим карда мешавад. Принсипҳои конститутсионӣ дар принсипҳои мушаххас, аз ҷумла принсипҳои падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ таҷассум меёбанд.

Ҳамин тариқ, муаллифи рисола ба хулосае омадааст, ки ду категорияи баррасишаванда – «принсипҳои конститутсионӣ» ва «принсипҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» механизмҳои ягона мебошанд, ки дар он яке ба сифтаи ҷузъи дигар амал мекунад. Ба мо чунин менамояд, ки принсипҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон бояд бо назардошти иртиботи он бо намудҳои мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи низоми мушаххас баррасӣ карда шаванд.

Вобаста аз сатҳ ва миқёси танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии принсипҳои падидаи конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ба умумӣ ва махсус тасниф мекунанд. Гуруҳи аввал дар тамоми сохтори конститутсионӣ ҳамчун низоми ягонаи амалкунанда (гуманизм, адолат, баробарӣ ва ғайра), гуруҳи дуюм - танҳо дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амал мекунанд (умумиҳатмӣ, кафолати ҳимояи давлатӣ, қонунияти конститутсионӣ, тақсимоти ҳокимият ва ғайра).

Ҳамин тавр, муаллиф ба хулоса меояд, ки принсипҳои таҳқиқшаванда табиати махсус доранд. Аввалан, онҳо аломатҳои ҳуқуқиро доро буда, ба категорияи ҳуқуқӣ мансубанд ва дар Конститутсияи кишвар пешбинӣ шудаанд. Дуввум, принсипҳо дар раванди рушди иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, муносибатҳои муайяни консептуалиро таҷассум мнамоянд (дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати иҷтимоӣ ва ғайра). Ба ин маъно, принсипҳои конститутсионӣ имкон медиҳанд, ки мазмуни идеологии Конститутсияи Тоҷикистон ва стратегияи рушди ҷомеаи давлати Тоҷикистонро дар шароити муосир таъмин намоянд. Сеюм, дар ҳаёти давлат таҷассум ёфта, раванди амалигардонии принсипҳои конститутсионӣ бо

роҳи амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳои давлат ба воситаи мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ сурат мегирад. Ҳамин тавр, сохтори дохилӣ ва мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқӣ бо принсипҳои конститутсионӣ муайян карда мешаванд, ки метавонанд самтҳои умумии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян кунанд.

**Боби сеюм «Механизми ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурии тоҷикистон»** аз панҷ зербоб иборат аст, ки ба таҳқиқоти механизмҳо ва воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудаанд. Дар он ҷойгоҳ ва нақши мақомоти судӣ, намояндагӣ, иҷроия, мақомоти ҳимояи ҳуқуқ дар таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин хусусиятҳои фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ин механизм мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар зербоби якуми боби сеюм «Моҳият ва мазмуни механизми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** хусусиятҳои механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси воситаҳои ҳуқуқии дахлдори ватанӣ дар заминаи назарияи илмии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ таҳқиқ мегардад.

Рисоланавис аз ҷумла қайд мекунад, ки мафҳуми механизми конститутсионии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ ва низоми мақомоте мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, таъмин ва ҳимояи мекунанд. Ин мафҳум моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини механизми конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро инъикос мекунад. Аввалан, мафҳуми мазкур аз низоми мақомоти ба ҳам алоқаманд ва маҷмӯи воситаҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат аст. Дуюм, нақши функсионалии мақомоти мазкур ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо дар доираи вазифаҳои муштараки онҳо, балки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои мушаххаси онҳо ифода мегардад.

Ба андешаи муаллиф, воситаҳои асосии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо инҳо баромад мекунанд: конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ, граждандӣ-ҳуқуқӣ, судӣ ва ғайра мебошанд. Сохтор ва мазмуни механизми конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз воситаҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқии соҳавӣ иборат аст. Масалан, дар заминаи як соҳа (граждандӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра) хусусиятҳои хоси шаклҳо ва воситаҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян кардан мумкин аст.

Маҷмуи унсурҳое, ки аз онҳо механизми конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташаккул ёфтааст, инҳоянд: а) меъёрҳои конститутсионӣ; б) обектҳо ва субектҳо; в) амалҳои мурофиавӣ.

Дараҷаи муҳимият ва хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ аз ҷудонашаванда, бегонанашавандагӣ ва кафолати арзиши олии онҳо вобаста аст, ки маҳз барои ҳамин онҳо хислати бунёдӣ доранд. Мувофиқан, ҳуқуқ ва

озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати объекти ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ баромад менамоянд.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо метавонанд инҳо бошанд: давлат ва мақомоти он; иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо ва худи шахс. Чун қоида, асосҳои воқеӣ ин амалҳои ғайриқонунӣ ё ба маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷониби давлат ва мақомоти он, шахсони мансабдор ва ғайра мебошад. Асоси ҳуқуқиро меъёрҳои мушаххаси конститутсионӣ ташкил медиҳанд, ки соҳаҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд метавонанд гуногун бошанд. Умуман, таҳти мафҳуми шакли фаъолият амали мақоми ваколатдор дар доираи ваколатҳои он фаҳмида мешавад, ки ба ҳифз, ҳимоя ва барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон равона гардидааст. Дар асоси ин муқаррарот, онҳо бояд ба якчанд категорияҳо тақсим шаванд: а) ҳимояи давлатӣ; б) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ; в) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ; г) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла пешниҳоди шикоят, ариза ва пешниҳодҳо ба мақомоти давлатӣ ё муроҷиат ба воситаҳои ахбори омма, суханронии оммавии шаҳрвандон, муроҷиат ба мақомоти байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон.

Таҳлили масъалаи баррасишаванда ба муаллиф имкон дод, ки ҷойгоҳиҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун як шакли махсуси ҳимоя пешниҳод карда шавад, дар ҳоле, ки ҳимояи давлатӣ ҳамчун шакли асосии ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати аввал, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон, ба андешаи муаллиф, бояд ба ду шакл тақсим шавад: юрисдиксионӣ, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар барқароркунии ҳуқуқи вайроншуда ифода менамояд, ки дар доираи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешавад ва натиҷаи он моҳиятан ҳал намудани парванда аст. Шакли ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмӯи амалҳои шахсони ваколатдор барои барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсталаб бидуни муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор ва созмонҳо мебошад.

Ҳамин тавр, муаллиф ба хулосае омадааст, ки таснифи низоми миллии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба се гуруҳ тақсим кардан мумкин аст. Гуруҳи якумро маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ғайрисудӣ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратура, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ) ташкил медиҳанд, ки ба ваколатҳои онҳо баррасии масъалаҳои ҳифз, ҳимоя ва барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншуда дохил мешавад. Ба гурӯҳи дуюми механизмҳо фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Гурӯҳи сеюм фаъолияти

тамоми низоми судии Тоҷикистон мебошад, ки Суди конститутсионӣ, судҳои юрисдиксияи умумӣ, судҳои иқтисодиро дар бар мегирад.

Дар Тоҷикистон низоми васеи мақомот мавҷуд аст, ки фаъолияташон ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шудааст. Дар системаи механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон рӯз аз рӯз муҳимтар шуда истодаанд.

Муаллифи рисола ба хулосае омадааст, ки таснифоти механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба меъёрҳои мухталиф асос ёфтааст: аз рӯи хусусияти фаъолият (судӣ, квазисудӣ ва ғайрисудӣ), аз рӯи хусусияти ҳуқуқӣ (конвенсионӣ ва экстраконвенсионӣ), аз рӯи объекти фаъолият (механизмҳои универсалии ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки ба механизмҳои баррасии шикоят ва механизмҳои бонизоми ҳимояи ҳуқуқи инсон ) ҷудо мешаванд, аз рӯи давомнокии фаъолияташон (муҳлатнок ва бемуҳлат) ва аз рӯи ҳаҷми ваколатҳо (ҳамаҷониба ва дорои ваколатҳои маҳдуд) тақсим карда мешаванд.

**Дар зербоби дуюми боби сеюм «Дар бораи нақши мақомоти судӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** хусусиятҳои низоми судӣ ҳамчун мақоми асосӣ, ки фаъолияти он бевосита бо ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад, баррасӣ мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки адолати судӣ яке аз воситаҳои аз ҳама самарабахши ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар таҷрибаи ватанӣ таҳия шудааст. Васеъ намудани доираи ҳуқуқҳои ҳимояшавандаи шахсони алоҳида ва ташкилотҳо барои беҳтар кардани сифати мазмуни онҳо ба зиммаи низоми судии ҷумҳурӣ масъулияти махсус мегузорад ва нақши онро ҳамчун кафили асосии таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба ҳимояи судӣ инъикос мекунад.

Асосҳои ҳуқуқии низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба танзим даровarda мешаванд. Аз ҷумла, дар моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд».

Ҳокимияти судӣ фаъолияти худро ба воситаи истеҳсолоти судии конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалӣ менамояд.

Тартиби баррасии парвандаҳоро судҳо бо қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд. Бо назардошти ин масъала, муаллиф ба хулоса меояд, ки сифат ва самарабахшии адолати судӣ мустақиман аз се омили объективӣ вобаста аст: а) такмил додани низоми

судӣ; б) самаранокии мурофиаи судӣ в) фаъолиятҳои ташкилӣ-таъминотӣ (кадрҳо, иттилоотӣ, моддӣ ва техникӣ) нисбати адолати судӣ.

Айни замон як қатор мушкилот дар робита бо сифати адолат, давомнокии мурофиаҳои судӣ, сатҳи нокифояи шаҳрвандон аз фаъолияти низоми судӣ, иҷрои ғайриқаноатбахш будани кори судҳо, иҷрои бесамари санадҳои судӣ, набудани шароити зарурӣ барои баамалбарории адолати судӣ ва ғайра мавҷуданд. Ин ворид намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар низоми иҷрои ҳатмии санадҳои судӣ ва фаъолияти судӣ талаб мекунад ва имкон медиҳад, ки муносибати навоварона ба рушди онҳо ташаккул дода шавад, инчунин сифат ва мӯҳлати татбиқи адолати судӣ, сифат ва самарабахшии ташхисҳои аз ҷониби муассисаҳои судӣ-экспертӣ гузаронидашуда ва таъмини иҷрои самараноки қарорҳои судӣ таъмин карда шаванд.

**Дар зербоби сеюми боби сеюм «Нақши мақомоти намояндагӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ваколатҳои мақомоти қонунгузор (намояндагӣ) оид ба ҳимояи ҳуқуқи баррасӣ шуда, хусусияти дутарафаи онҳо нишон дода шудааст. Ин хулоса бо меъёрҳои конститутсионии танзимнамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфтааст.

Кушиши муаллиф оид ба муайян намудани ҳадди ваколатҳои конститутсионии палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хулоса меорад, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои бунёдии худ, онҳоро зарур аст, соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро тавре ба тартиб оранд, ки риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар натиҷаи мухолифат ва норасоии меъёрҳои ҳуқуқ халалдор нагардад.

Мушкилот дар ин ҷо анҷом намеёбад, зеро, тавре ки таҳлили амалия нишон медиҳад, зимни инкишоф ва мушаххас кардани муқаррароти конститутсионӣ, маҳдудшавии доираи ҳуқуқ ё озодӣ ба вуҷуд меояд, ташкили чунин тартибот ва механизмҳои татбиқ ва ҳимоя, ки аз сабаби номукаммалӣ ё норасоиашон барои амалӣ шудани ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва умуман шаҳрванд, монеъ мешаванд. Бо мақсади пешгирӣ намудани тамоюлҳои манфии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷиҳати иҷрои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаи 5, қисми 1 ва 2 моддаи 10, моддаи 42, моддаи 14 ва ғ., аз тарафи палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф қайд карда менамояд, ки зарурати мураттабсозӣ ва батартибдарории фазои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки ҷавобгӯи меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад, ба миён омаддааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бевосита ифодаи худро наёфтааст. Аммо, агар бодиққат ба ваколатҳои онҳо таваҷҷӯҳ намоем, нерӯи онҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон аён мегардад. Мувофиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагон аз 7 ноябри соли 2001 тасдиқ шудааст, дар банди б,

моддаи 20 пешбинӣ гадидааст, ки ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқҳои инсон дохил мешавад ва моддаи 22 салоҳияти Кумита оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсонро муайян намудааст. Аз ҷумла, дар асоси банди 2 моддаи 22 ба доираи салоҳияти кумитаи зикршуда бевосита масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дохил гардидаанд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, муаллифи рисола ба чунин хулосаҳо омадааст.

Якум, асосҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми мақомоти қонунгузор (намояндагӣ)-и Тоҷикистон аз қабули санади авф иборат аст, ки ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон дохил мешавад ва он ба маънои томаш як ниҳоди ҳуқуқии байнисоҳавӣ мебошад, ки меъёрҳои конститутсионӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазо ва дигар соҳаҳои ҳуқуқро вобаста ба озод кардан аз ҷавобгарӣ ва ҷазо (оқибатҳои ҳуқуқии ҷазо) мувофиқи иродаи давлатӣ, дар бар мегирад. Субъекти пешниҳоди авфи умумӣ асосан давлат - Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ин ҳолат аз номи давлат Маҷлиси намояндагон баромад менамояд.

Дуюм, нерӯи ҳуқуқҳимоявии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он вобаста аст, ки ин палатаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби халқ интихоб гардидааст: вакилони он тамоми аҳолии кишварро намояндагӣ мекунанд ва манфиатҳои сиёсии онро инъикос мекунанд. Тибқи моддаҳои 13 ва 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мурожиати шаҳрвандон оид ба вайрон шудани ҳуқуқҳои онҳо шахси мансабдори дахлдорро ӯҳдадор менамояд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо чораҳои фаврӣ андешад.

Сеюм, дар доираи ваколатҳои конститутсионии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ бевосита меъёр пешбинӣ нагардидааст, аммо он аз мазмуни меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва Дастури палата бармеояд. Ҳамин тавр, тибқи қисми 2 моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ салоҳияти интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди олии иқтисодиро бо пешниҳоди Президент дорад. Бо дарназардошти сатҳи ҳимояи судӣ дар низоми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нақши судҳои болоӣ дар ҳимояи ҳуқуқ, масъулияти ҷиддиеро, ки Маҷлиси миллӣ дар ҳалли чунин масъалаҳои кадрӣ ба зимма дорад, бояд эътироф намуд.

Чорум, ба риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд робитаи муташаккилонаи Маҷлиси миллӣ бо намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумат, Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Панҷум, шаклҳои фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва аъзои он дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян шудааст. Барои ин палатаи парлумон ва аъзои он, инчунин дархостҳо барои узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шудаанд (моддаи 13), ки самти ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар раванди тавзеҳи расмӣ ё муайян намудани мавқеъ оид ба масъалаҳои марбут ба муҳимтарин манфиатҳои ҷамъиятии дорои аҳамияти давлатӣ татбиқ карда мешавад.

Саҳми воқеии мақомоти қонунгузори (намояндагӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баҳо дода, муаллиф нишон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои функсионалии ин мақомот барои татбиқи пурраи онҳо имкониятҳои васеъ медиҳад. Муқаррароти мазкур далели он аст, ки маҳз ҷараёни қонунгузорӣ ба таҳкими минбаъдаи асосҳои конститутсионӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мамлакатамон мусоидат менамояд, инчунин татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти низоми ҳуқуқиро дар заминаи дастгирии қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар шароити муосир, таъмин менамояд.

Ҳалли мусбати ин масъала ва такмили амали падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ), муаллифи рисола асосан бо такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар заминаи принсипҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони таҳти юрисдиксияи Тоҷикистон қароргирифта, алоқаманд меҳисобад.

**Дар зербоби чоруми боби сеюм «Махсусияти фаъолияти мақомоти иҷроия ва ҳимояи ҳуқуқ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** муаллифи диссертатсия ҷузъҳои муҳимтарини низоми ҳимояи ҳуқуқ инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди мақомоти иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ ва нақши онҳодар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити муосирро мавриди баррасӣ қарор додааст,.

Муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти муназзами онҳо роҷеъ ба ҳимояи ҳуқуқ ба иҷрои ӯҳдадориҳои конститутсионии давлат оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври назаррас таъсир мерасонад. Дар асл, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобаста ба моҳияти худ, иқтидори назаррас оид ба ҳимояи ҳуқуқ доранд, ки бо ин васила робитаи фаъоли онҳо бо аҳолӣ таъмин мегардад. Ғайр аз ин, ба таври конститутсионӣ пешбинӣ намудани иерархияи онҳо, ҷалб намудани манбаи таъсирбахши маъмуриро барои мақсадҳои ҳуқуқи инсон таъмин мекунад.

Функсияи мақомоти ҳокимияти иҷроияро оид ба ҳимояи ҳуқуқ муайян намуда, муаллиф қайд мекунад, ки ба маънои васеъ фаъолияти ин мақомот

бояд хусусияти ҳуқуқҳимоявӣ дошта бошад, ки дар функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилии он ифода гардида, бо маҷмӯи амалҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ гардида, дар шаклҳо ва усулҳои мухталиф вобаста ба хусусиятҳои ҳуқуқҳимоявии онҳо сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001 «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ки фаъолияти Ҳукуматро дар маҷмӯъ танзим мекунад ва ба ҳимояи самарабахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар мусоидат менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ принсипҳои волоияти қонунро дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (моддаи 3) ба роҳбарӣ гирифта, барои таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон оид ба ҳимояи амвол ва тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар зуҳуроти хавфноки ҷамъиятӣ чораҳо меандешад (моддаи 19).

Аммо, рисолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия пеш аз ҳама иҷрои функсияи пешгирикунандаи ҳифзи ҳуқуқ мебошад, зеро маҳз ин мақомот фаъолияти тамоми мақомоти низомро ҳамоҳанг, роҳбарӣ, ҳамгирой ва назорат менамояд, функсияи ҳуқуқэҷодкуниро амалӣ месозад ва ваколатҳои ҷудогонаро байни мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла оид ба таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро тақсим мекунад,.

Дар амалигардонии функсияҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ мақомоти ҳокимияти иҷроияи соҳавӣ мавқеи марказӣ доранд. Маҳз фаъолияти онҳо ба ҳимояи ҳуқуқи шахсон нигаронида шудааст ва онҳо вазифадоранд дар доираи салоҳияти худ барои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар Тоҷикистон чораҳои таъсиррасонии давлатиро амалӣ намоянд.

Дар шакли маъмултарин, ба андешаи муаллиф шакли фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ, ки ин мақомоти давлатӣ анҷом медиҳанд, вобаста ба хусусияти ваколатҳои роҳбарикунандаи онҳо, ки аз ҷониби онҳо барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон амалӣ мешаванд, ба чунин намудҳо тақсим кардан мумкин аст: хизматрасонии давлатӣ, ваколатҳои контролӣ - назоратӣ, ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, амволи шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои молиявӣ ва ғайра.

Муаллифи рисола мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳамчун як бахши махсуси ташкили ҳимояи ҳуқуқ баррасӣ кардааст. Ин як гурӯҳи сохтори давлатӣ асосан ба ҳокимияти иҷроия мансубанд, ба сегонаи классикии шохаҳои функсионалии ҳокимият дохил намешаванд ва бо ҳадафу вазифаҳои муштарак муттаҳид шудаанд.

Таҳлили функсионалӣ – мазмунии фаъолияти низоми ҳифзи ҳуқуқ ва механизми он оид ба таъмин ва барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд гузаронида шудааст, роҳҳои беҳтарини ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда шуданд, низоми ҳамоҳангшудаи шаклҳо ва усулҳои фаъолияти муштараки онҳо дар соҳаи

таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд қайд гардидааст. Барои такмил додани ин шаклҳо ва усулҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқи инсон ва барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия карда шуданд.

**Дар зербоби панҷуми боби сеюм «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар механизми таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** самтҳои асосӣ ва вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар механизми танзими конститутсионӣ- ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон, ниҳоди навтаъсиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷои махсусро ишғол мекунад. Ӯ хусусиятҳои фаъолияти онро оид ба ҳимояи ҳуқуқ муайян ва таҳқиқ кардааст. Бо вуҷуди ин, дар рисола қайд мегардад, ки сарфи назар аз мақоми баланди конститутсионии ин ниҳод, барои ташаккулёбии он ҳамчун як воситаи мукаммали ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишвар, корҳои зиёдеро бояд анҷом дод.

Дар натиҷаи омӯзиши фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, рисоланавис як қатор хулосаҳо мебарорад.

Якум, аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, ки падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ҳамчун воситаи дастгирии давлат дар самти ноил шудан ба ҳадафҳояш вобаста ба ҳимоя, таъмин ва барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолият мекунад.

Дуюм, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун як ниҳоди миёнарав байни дастгоҳи давлатӣ ва шахс истифода мешавад, ки бо истифода аз воситаҳои ғайрисудии конститутсионӣ барои муҳофизат ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода мешавад.

Сеюм, азбаски Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воситаҳои императивӣ ва судӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро надорад, имконияти бевосита таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро поймол мекунанд, надорад. Гарчанде ки табиати ҳуқуқии Ваколатдор дорои хусусиятҳои давлатӣ мебошад, дар асл он як ҷузъи механизми ҳимояи ҳуқуқӣ мебошад, ки ба давлат бораи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маълумоти дахлдор медиҳад.

Чорум, дар симои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванд таҳқиқи холиси масъалаи вайрон кардани ҳуқуқҳои конститутсионӣ доро мебошад, ки бо муносибатҳои хизматӣ ва дигар намуди тобеият бо мақомоти маъмурӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро поймол мекунад, алоқаманд нест. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, падидаи Ваколатдорро ба як ниҳоди нави ҳимояи ҳуқуқи инсон дохил кардан мумкин, ки фаъолияташ ба истифодаи воситаҳои императивии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст ва бо ҳамин воситаҳо ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро поймол мекунад, таъсир мерасонад. Ваколатдор ба низоми мавҷудаи механизми ҳуқуқи инсон дахолат намекунад, аммо онро бо воситаҳои ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд.

Панҷум, таҳлили фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки табдил додани падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба ниҳоди контроли парлумонӣ ба ташаккули механизми назорати парлумонӣ нисбат ба дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат мекунад ва бо ин васила мустақилияти онро таъмин менамояд.

**Боби чорум «Амалигардонии кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ду зербобро дар бар мегирад, ки ба омӯзиши механизм ва сохтори кафолати ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, мафҳум ва таснифи он бахшида шудааст, инчунин масъалаҳои такмил додани принсипҳои мурофиавии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар зербоби якуми боби чорум «Хусусиятҳои механизм ва сохтори кафолатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ: мафҳум ва таснифот»** мафҳум ва хусусиятҳои кафолатҳои ҳуқуқӣ, таснифи онҳо дар ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ баррасӣ мегардад.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки механизми кафолати ҳуқуқӣ, ҳамчун як навъи муайяни сохтори низомӣ-ҳуқуқӣ, аз якчанд сатҳҳо иборат аст: қонунэҷодкунӣ (барои танзими ҳуқуқҳои мушаххаси инсон ва кафолатҳои онҳо таъсис дод шудааст); ҳуқуқӣ (низоми ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи зуҳуроти ҳуқуқӣ); институтсионалӣ (низоми ниҳодҳои ҳуқуқие, ки барои анҷом додани ҳимояи ҳуқуқи инсон, назорати фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла сохторҳои минтақавӣ ва маҳаллии он ваколатдоранд); иттилоотӣ - мафкуравӣ (маърифати инсондӯстӣ, таълим, тарбия).

Дар натиҷаи таҳлил муаллиф кӯшиши муайян кардани унсурҳои умумӣ ва таъсирбахши сохтори механизми кафолати ҳуқуқӣ намудааст, ки чунин мебошанд: 1) сатҳи салоҳияти мақомоти давлатӣ на танҳо дар таҷассуми ваколатҳояшон дар қонунгузорӣ, балки дар қобилият ва имконияти ҳалли воқеии масъалаҳо аз тарафи онҳо вобаста ба амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳо муайян мегардад; 2) муқаррар намудани падидаи ҷавобгарии шахсони мансабдор ва шаҳрвандон; 3) амалигардонии шакли расмиётӣ-мурофиавии ҳифз ва барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда ва вайроншуда; 4) реҷаи ҳуқуқии қонуният (волоияти Конститутсия ва қонун ва ғайра).

Таснифи кафолатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба доираи таҷассуми онҳо дар соҳаҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ, ки заминаи меъёрии кафолати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, сурат гирифтааст. Дар асоси ин муқаррарот, муаллифи рисола таснифи кафолатҳои ҳуқуқиро тибқи принсипи соҳавии онҳо, яъне кафолатҳои соҳавӣ (мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи маъмурӣ ва ғайра). роҳандозӣ намудааст. Қайд мегардад, ки ҳамчун намуди алоҳида кафолатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд дар ин қатор пешниҳод карда шаванд. Шарти асосии чунин таснифот доираи таҷассумёбии онҳо мебошад.

Дар иртибот ба кафолатҳои ҳуқуқӣ, муаллиф таснифи онҳоро (аз рӯи таъинот, нақши мансабӣ) ҳамчун кафолатҳои амалигардонӣ ва кафолатҳои ҳимояи (ҳифзи) ҳуқуқу озодиҳои шахс пешниҳод кардааст. Сарфи назар аз

таснифот аз рӯи асосҳои мухталиф, низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд силсилаи органикии ягона мебошад. Аз ин бар меояд, ки баъзе ҳуқуқҳо мазмуни дигар меъёрҳоро ошкор мекунанд ва кафолати амалигардонии онҳоро таъмин менамоянд. Масалан, ҳуқуқ ба ҳаёт набояд алоҳида аз ҳуқуқ ба саломатӣ ва кӯмаки тиббӣ баррасӣ карда шавад. Ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ба пуррагӣ амалӣ мегарданд, агар ҳуқуқҳои шахсии онҳо кафолат дода шаванд.

Аз нуқтаи назари муаллиф, онҳоро метавон аз рӯи асосҳои мухталиф тасниф намуд: аввал, ин мафҳуми хеле васеи кафолатҳо ҳамчун бунёдӣ ва сохторӣ мебошад; дуюм, тақсими анъанавии кафолатҳо (аз рӯи мазмун) ба умумӣ ва махсус бо тавсифи минбаъда ва сеюм, таснифи кафолатҳо вобаста ба субъектҳои татбиқи онҳо. Ба андешаи муаллиф, ҳангоми таҳлили кафолатҳои соҳавӣ (ҳамчун таснифи кафолатҳои ҳуқуқӣ) бояд ба назар гирифт, ки истифодаи принсипи соҳавӣ барои таснифи кафолатҳои ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин кафолатҳо низоми ягонаро ташкил медиҳанд ва он тафовути дохилиро дорад, ки дар маҷмӯъ ба тамоми низоми ҳуқуқӣ хос мебошад.

Муаллиф масъаларо омӯхта, таъкид менамояд, ки кафолатҳои ҳуқуқиро вобаста аз шакл, марҳилаҳо, восита ва усулҳои татбиқи ҳуқуқи инсон ба кафолатҳо – шароитҳои амалигардонӣ ва кафолатҳо – воситаҳои ҳимоя ҷудо кардан мумкин аст. Аз нуқтаи назари муаллиф, шаклҳои кафолат маънои чунин расмиёти ҳуқуқӣ, аз қабили санадҳои татбиқ, реҷаҳои ҳуқуқӣ, расмиёти мурофиавӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, техникаи ҳуқуқӣ, тафсир ва дигар воситаҳои ҳуқуқие мебошанд, ки ҳамчун восита ва роҳҳои амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон истифода гарданд. Баъзе аз онҳо мутлақо хусусияти меъёрӣ доранд (манъкуниҳо ё маҳдудиятҳо), дигарашон дорои хусусияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, муаллиф муайян кардааст, ки кафолатҳои конститутсионӣ ин ифодаи умумии падидаҳои муҳимтарин ва пешсафи иҷтимоию ҳуқуқӣ, усулу воситаҳои таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, иҷрои фаъоли вазифа ва ӯҳдадориҳои конститутсионии онҳо мебошанд.

Дар рисола мафҳуми муаллифӣ оварда шудааст, ки таҳти он маҷмӯи шароити умумии иҷтимоӣ-сиёсӣ, маънавӣ - ахлоқӣ, заминаҳои воқеии ҳуқуқҳои субъективӣ ва озодиҳои шахс, инчунин воситаҳои махсуси таъмини ҳуқуқии амалигардонӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пешбинишуда мебошанд.

**Дар зербоби дуюми боби чорум «Дурнамои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои такмил ва рушди кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии падидаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон баррасӣ мегарданд. Муайян кардан ва пешбинӣ намудани омилҳо ва ҳолатҳое, ки ба фаъолияти динамикии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва самаранокии он дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунанд, низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муаллифи рисола чунин мешуморад, ки зарурати таҳияи минбаъдаи консептуалӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ муайян намудани мақоми ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дахлдори ҳуқуқи инсон дар соҳаи таъмин ва кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, зарур аст, ки хусусиятҳои гурӯҳҳои ба ҳимоя эҳтиёҷманд ба назар гирифта шаванд, рушди қонунгузорӣ бо назардошти талаботи стандартҳои байналмилалӣ бозбинӣ гардад, таҳияи стратегияи такмил додани қонунгузории соҳавӣ ва расмиёти марбут ба огоҳонӣ, пешгирӣ ва барқароркунии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд ва тавсияҳои афзалиятнок роҳандозӣ гардад.

Муқаррароти мазкур дар як қатор пешниҳодҳо ва хулосаҳои рисоланавис асоснок мегарданд, ки чунинанд:

Якум, стратегияи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуқӯъ мепайванданд, зич алоқаманд аст. Амалан, низоми ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтааст ва муҳимтар аз ҳама, соҳаҳои асосии ҳуқуқ ва қонунгузорӣ дар маҷмӯъ бо тамоми санадҳои зарурии кодификатсионӣ таъмин карда шудаанд. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи воқеияти муосир ва рӯйдодҳои дар Тоҷикистон бавуҷудомада, дар маҷмӯъ тибқи талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ самтҳои асосии рушди онро муайян намуд.

Дуюм, самтҳои асосии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудаанд, ки дар он кафолатҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷойгоҳи махсус доранд, инчунин кафолати таъмини амнияти шахсӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳаёт ва саломатӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон, дахлнопазирии равонӣ ва ҷисмонии онҳо, ҳимояи ва таъмини шароити мусоиди табиӣ барои онҳо, нақши муҳим доранд.

Сеюм, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба муқаррароти Конститутсияи амалкунанда, балки ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, шартномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳо ва стандартҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои СММ, САҲА ва Шӯрои Аврупо мавҷуданд, мувофиқат мекунад.

Чорум, дар ҷараёни қабул ва татбиқи барномаҳоиислоҳоти судӣ, инчунин Консепсияи дурнамои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятнок муайян шуданд, ки ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд ва дар онҳо вазифаҳои аввалиндараҷа роҷеъ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар гардидаанд. Ин стратегия дар доираи рӯйдодҳои ҷории иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба рушди мақсаднок ва муназзами қонунгузории миллӣ дар оянда мусоидат ҳоҳад намуд.

Панҷум, дар баробари вазифаҳои асосии вобаста ба баланд бардоштани сифат ва самарабахшии қонунгузорӣ (таҳқиқоти илмӣ - таҳлилии раванди таҳия ва таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои миллӣ ва иштирок дар таҳияи санадҳои байналмилалӣ ва ғайра), дигар масъалаҳо мавҷуданд, ки бидуни ҳалли онҳо татбиқи мақсаду вазифаҳои дар боло зикршуда душвор аст, аз ҷумла: 1) баррасии нопурраи дараҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ҳангоми қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав; 2) теъдоди зиёди меъёрҳои ҳаволакунанда; 3) таҳрифи меъёрҳои қонунҳо дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳи поёнӣ; 4) пешбинии нокифояи оқибатҳои қабули баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи онҳо, ки боиси тағйирот, илова ё бекор кардани ин санадҳо дарҳол пас аз қабули онҳо мегардад; 5) дар баъзе ҳолатҳо, зимни таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба манфиатҳои соҳавии (идоравии) субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда афзалият дода мешавад; 6) баъзе мавридҳо, ба санадҳои кӯҳна ворид намудани тағйиру иловаҳои сершумор, ки ба самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат намекунанд; 7) дастрасӣ ва фаҳмиши зарурӣ надоштани аҳолӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра.

**Дар хулоса**, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳои амалӣ асоснок мешаванд ва тавсияҳое, ки аз мазмуни рисола бармеоянд ифодаи худро ёфтаанд, ҳамчунин дурнамои такмили танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиши масъалаҳои марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии онҳо, мамҷӯи таҳқиқоти илмиро дар бар мегирад, ки предмети тадқиқоташонро ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ - ҳуқуқӣ ва давлатии онҳо ташкил медиҳанд, инчунин аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти диссератсионӣ баъзе хулосаҳо ифодаи худро ёфтаанд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун объекти ҳимоя дар маҷмӯъ унсурҳои ҷудонопазир, ногузир ва зарурии ҳимояи ҳуқуқ буда, моҳияти шакли ифодаи субъективии ҳуқуқро аз тарафи инсон муайян мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки ташаккули паидаҳои ҳуқуқии муосир ва кафолатҳои ҳифзи ғайрисудӣ ва судии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон дар шароити ҳозира мустақилияти рушди функсияҳои ҳуқуқии инсонро дар кишвар таъмин мекунанд.

Дар таъмини ҳифзи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд низоми судӣ ва мақомоти истеҳсолоти судии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Чунин рисолати ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки ба фаъолияти мақомоти судӣ марбут аст, имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи саривақтӣ ва самаранок ба мурофиатҳои шаҳрвандон дар ин мақомот таъмин карда шуда, онҳо аз ҳамагуна таҳдидҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳояшон муҳофизати воқеӣ гиранд.

Талаботи конститутсионӣ зарурати ташкили системаи ягонаи созгор барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро тақозо менамояд. Аммо, мутаассифона, дар меъёрҳои конститутсионии марбут ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

шаҳрванд муқаррароти муайян мавҷуданд, ки бинобар номукаммалии худ ба қонунгузории амалкунанда дар маҷмӯъ таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамгирой ва ҳамкории мақомоти давлатӣ ва воҳидҳои сохтории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба муносибатҳои созанда асос ёфтаанд, ба такмили танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар ҳамбастагӣ мусоидат мекунанд ва ягонагии ҳуқуқи инсонро дар тамоми кишвар нигоҳ медоранд. Дар шароити ислоҳот, давлатро зарур аст, ки сиёсати возеҳи ҳуқуқӣ дар ин соҳа роҳандозӣ намуда, дар муносибатҳои байни сохторҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, аз байн бурдани дахолат ва таъқибот аз ҷониби сохторҳои мухталифи давлатӣ ба фаъолияти шаҳрвандон алоқаманд аст, модели навро таҳия намоянд.

Масъалаҳое, ки роҷеъ ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, имкон медиҳанд: аввалан, мазмун ва моҳияти падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва инчунин дурнамои рушд ва такмили минбаъдаи онҳо муайян карда шавад; дуюм, бо назардошти талаботи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, зарур аст, ки низоми ҳифзи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ёрии методологияи нав, воситаҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ, принсипҳо ва стандартҳои дар давлатҳои мутамаддини хориҷӣ истифодашаванда модернизатсия карда шавад; сеюм, моҳият, мазмун, хусусият ва самти фаъолияти падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон муайян гардад; чорум, самтҳои афзалиятноки рушд ва такмили он дар шароити ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ дар низомҳои ҳуқуқии муосири ҷаҳон муайян шавад.

Дигаргунсозӣ ва такмили самарабахши падидаи конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо он вақт имконпазир аст, ки агар онҳо аз ҳолатҳо ва боқимондаҳои моделҳо, воситаҳо, принсипҳо ва механизмҳои кӯҳнаи ғайримуқаррарии низоми ҳифзи ҳуқуқ дур шаванд.

## МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДАРҶ ШУДААНД

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М] Эльназаров Д.Х. Конституционная гарантия прав и свобод человека и гражданина в конституционном праве Республики Таджикистан: понятие и система /Д.Х. Эльназаров // Вестник РТСУ, –2010. – №2(28). –С.9-17. (0,6 п.л.)

[2–М] Эльназаров Д.Х. Актуальные вопросы национального законодательства по урегулированию прав и свобод человека и гражданина в

Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров // Вестник РТСУ, -2010. – №3(29). – С.10-17. (0,4 п.л.).

[3–М] Эльназаров Д.Х. Механизм обеспечение конституционных прав и свобод человека и гражданина в конституционном праве Республики Таджикистан: теория и практика /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2010. -№4(30). –С.10-17. (0,4 п.л.).

[4–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые аспекты конституционного регулирования защиты прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2011. -№1(31). –С.10-17. (0,4 п.л.).

[5–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые аспекты взаимосвязи правового статуса человека и правового статуса личности /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2011. -№2(32). –С.20-27. (0,4 п.л.).

[6–М] Эльназаров Д.Х. Правовые основы классификации конституционных прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2011. -№3(34). – С.27-35. (0,4 п.л.).

[7–М] Эльназаров Д.Х. Особенности конституционно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров // Вестник РТСУ, -2011. -№4(35). –С.10-16. (0,4 п.л.).

[8–М] Эльназаров Д.Х. Проблемы гарантий государственной защиты прав человека в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование / Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2012. -№2(37). –С.10-16. (0,4 п.л.).

[9–М] Эльназаров Д.Х. Законодательное обеспечение и совершенствование конституционно-правового института защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2012. – №3(38). –С.17-23. (0,3 п.л.).

[10–М] Эльназаров Д.Х. К вопросу о механизме обеспечения и гарантии защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане /Д.Х. Эльназаров //Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук, -2012 №3/4(90). –С.31-37. (0,4 п.л.).

[11–М] Эльназаров Д.Х. Форма и содержания конституционно-правового механизма защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2012. –№4(39). 26-31. (0,3 п.л.).

[12–М] Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое обеспечение гарантий и защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук, -2013. -№3/1(104). –С.41-48. (0,5 п.л.).

[13–М] Эльназаров Д.Х. Особенности административного и гражданского судопроизводство по защите прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2013. -№3(42). – С.16-21. (0,3 п.л.).

[14–М] Эльназаров Д.Х. Особенности конституционно-правового регулирования экономических, социальных и политических гарантии прав и

свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров // Вестник Кыргызско - Российский славянский университет. Секция юриспруденция. -2013. -Том 13. -№5. –С.117-121. (0,4 п.л.).

[15–М] Эльназаров Д.Х. Реализация законных интересов личности и их конституционно-правовая гарантия /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2015. -№1(48). –С.15-20. (0,3 п.л.).

[16–М] Эльназаров Д.Х. Проблемы совершенствования института государственно-правовой защиты прав человека в Таджикистане /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2015. -№4(51). –С.17-22. (0,3 п.л.).

[17–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые особенности конституционно-правовых аспектов гарантии государственной защиты прав и свобод человека в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики /Д.Х. Эльназаров //Вестник Таджикского национального университета. №2(02). 2016. -С.119-125. (0,4 п.л.).

[18–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые аспекты деятельности представительных органов власти по обеспечению прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2018. -№1(61). –С.23-27. (0,3 п.л.).

[19–М] Эльназаров Д.Х. Основные пути и перспективы развития института конституционно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане: конституционно-правовой /Д.Х. Эльназаров //Вестник РТСУ, -2018. -№1(61). 28-33. (0,4 п.л.).

[20–М] Эльназаров Д.Х. Гарантий прав и свобод человека в контексте новой Конституции Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Proceedings of the International Conference "Topical Problems of Philology and Didactics: Interdisciplinary Approach in Humanities and Social Sciences" (TPHD 2018) апрель 2019 г. –С.207-211. (0,3 п.л.).

[21–М] Эльназаров Д.Х. Нормы и принципы как основные элементы содержания института конституционно-правовой защиты прав и свобод человека и гражданина /Д.Х. Эльназаров //Вестник Таджикского национального университета серии социально-экономических и общественных наук. 2019. -№3. – С.211-219. (0,5 п.л.).

**II. Монографияҳо:**

[22–М] Эльназаров Д.Х. Правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан (конституционно-правовой аспект). -Душанбе. РТСУ, 2009. -224с. (14 п.л.).

[23–М] Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовой механизм и гарантии обеспечения защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. -Душанбе. РТСУ, 2011. -221с. (14 п.л.).

[24–М] Эльназаров Д.Х. Институциональные особенности конституционно-правовых средств защиты прав и свобод человека и гражданина по законодательству Республики Таджикистан: вопросы теории и практики. - Душанбе. РТСУ, 2016. -188с. (12 п.л.).

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[25–М] Эльназаров Д.Х. Проблемы соотношения прав, свобод и обязанностей человека в конституционном праве Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Современные аспекты правопонимания: сравнительный анализ законодательства Республики Таджикистан и Российской Федерации. Матер. науч. практ. конф. –Душанбе, РТСУ, 2006. -С.38-44. (0.4. п.л.).

[26–М] Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовой анализ юридического статуса человека и гражданина: теория и практика /Д.Х. Эльназаров //Проблемы и перспективы развития правовое положение личности в Республике Таджикистан: реформа законодательства. Матер. круг. стола. – Душанбе, РТСУ, -2007. -С.12-19. (0.4 п.л.).

[27–М] Эльназаров Д.Х. Правовые механизмы защиты прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан в современных условиях /Д.Х. Эльназаров //Правовая защита наиболее уязвимых слоев населения Республики Таджикистан и стран СНГ. Матер. межд. конф. -Душанбе, РТСУ. 2011. -С.37-45. (0,5 п.л.).

[28–М] Эльназаров Д.Х. Актуальные вопросы гарантии прав и свобод человека и гражданина в конституционном праве Республики Таджикистан /Д.Х. Эльназаров // Законность и правопорядок. Сбор. матер. VIII межд. науч. - практ. конф. - Новосибирск, 2012. -С.29-34. (0.3 п.л.).

[29–М] Эльназаров Д.Х. К вопросу о конституционно-правовом регулировании прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан /Д.Х. Эльназаров //Правовая наука. –М., -2012. -С.35-40. (0.3 п.л.).

[30–М] Эльназаров Д.Х. Конституционные права граждан на объединение в Республике Таджикистан: проблемы их совершенствования /Д.Х. Эльназаров // Гуманитарные науки в XX1 веке. Межд. науч. прак. конференция. -М., Журнал «Юридические науки». - №2. -2012. -С.9-15. (0,3 п.л.).

[31–М] Эльназаров Д.Х. Особенности обеспечения гарантий прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан: конституционно-правовое исследование /Д.Х. Эльназаров //Правовая инициатива. –М., 2012. -№4. -С.13-15. (0,5 п.л.).

[32–М] Эльназаров Д.Х. Вопросы обеспечения и гарантия защиты и прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан: перспективы развития правозащитной деятельности /Д.Х. Эльназаров //Правозащитная деятельность органов государственной власти Республики Таджикистан: проблемы правовой реформы. Сборник материалов круглого стола. -Душанбе, РТСУ, 2013. -С.33-41. (0,5 п.л.).

[33–М] Эльназаров Д.Х. Особенности государственных гарантий конституционного права граждан на образование в Республики Таджикистан: проблемы и пути их разрешения /Д.Х. Эльназаров //Конституция гарантия прав граждан на образование. Сборник материалов. Республиканская науч. практ. конф. посвященное 20 -летию Конституции Республики Таджикистан. - Душанбе. РТСУ, 17 октября 2014г. -С.112-120. (0,5 п.л.).

[34–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые аспекты принципов социально-правовой защиты человека и гражданина на примере Республики Таджикистан и России /Д.Х. Эльназаров //Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы. Межд. науч. практ. конф. -Душанбе, РТСУ. 23 октября 2015 года. -С.267-270. (0,2 п.л.).

[35–М] Эльназаров Д.Х. Некоторые аспекты конституционно-правовых преобразований в системе конституционного права Республики Таджикистан в современных условиях: вопросы теории и практики /Д.Х. Эльназаров //Актуальные проблемы юридических наук: теория и практика, посвященная 25-летию независимости Республики Таджикистан и 20-летию Российско-Таджикского (славянского) университета //Межд. науч. практ. конф. -Душанбе, РТСУ. 27-28 октября 2016 года. -С.72-75. (0,2 п.л.).

[36–М] Эльназаров Д.Х. Правовая регламентация и особенности конституционных прав граждан в управлении делами государства в условиях российской государственности /Д.Х. Эльназаров //Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика. VI Международная научно-практическая конференция. -Душанбе, РТСУ. 31 октября 2018 года. -С.394-398. (0,2 п.л.).

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Элназаров Давлатшо Хоҷаевич дар мавзӯи «Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалия»**

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон, Конститутсия, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, санадҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳокимияти судӣ, Президент, ҳокимияти иҷроия, парлумон, механизмҳои байналхалқии ҳуқуқи инсон

Мубрамияти мавзӯи рисола дар таҳияи нуктаҳои нави илмӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории ватанӣ бо назардошти воқеияти муосир ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, ки дар самти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд омадааст, ифода мегардад. Мақсади рисола омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноккунии падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳияи консепсияи такмили он мебошад. Ҳадафи мазкур дар таҳия ва ҳалли як қатор масъалаҳои мушаххаси илмию амалӣ, ки сохтори мантиқии рисоларо муайян кардааст, аз муқаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмии истифодашаванда иборат аст. Асоси илмии рисоларо аз хулосаҳои эътирофшудаи доктринаи назариявӣ-ҳуқуқӣ ва заминаи методологии онро усулҳои фалсафӣ, махсуси илмӣ ва усулҳои хусусии илмӣ ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти маҷмӯии масъалаи илмӣ ба диссертант имкон додааст, ки ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ онро таҳлил намуда, хусусиятҳои ташаккул ва

рушди консепсияҳои падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ошкор созад, мафҳум, моҳият ва мазмуни онро муайян намояд. Ғайр аз ин, муаллиф мафҳуми механизми конститутсионӣ -ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар низоми мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар субъектҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки дар фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд, асоснок кардааст. Дастовардҳои муҳими таҳқиқот муайян кардани моҳият, сохтор ва мазмуни кафолатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз сатҳ ва сифати онҳо самаранокии амалисозии ҳуқуқ, пешгирии дахолати ғайриқонунӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин барқароркунии одилонаи ҳуқуқҳои моддӣ ва маънавии вайроншуда, вобастагӣ дорад.

Муаллифи рисола тавсияҳои амалиро таҳия кардааст, ки ба рушду такмили минбаъдаи сатҳу сифат ва самарабахшии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар шароити ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ватанӣ дар марҳилаи муосир, мусоидат мекунанд.

## АННОТАЦИЯ
**на диссертацию Эльназарова Давлатшо Ходжаевича на тему «Конституционно - правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики».**

**Ключевые слова**: Права человека, защита прав человека, Конституция, органы государственной власти, международные акты по правам человека, судебная власть, Президент, исполнительная власть, парламент, Уполномоченный по правам человека, механизмы защиты прав человека

Актуальность темы диссертации обусловлена объективной необходимостью выработать научные подходы к исследованию конституционно-правового института защиты прав и свобод человека и гражданина, сформулировать практические рекомендации по совершенствованию отечественного законодательства с учетом современных реалий и правовой действительности таджикского общества.

Цель диссертационной работы заключается в комплексном исследовании и обосновании функционирования конституционно-правового института защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан, в разработке концепции его совершенствования.

Поставленная цель способствует постановке и решению ряда конкретных научно-практических задач, которые предопределили логическое построение диссертации, состоящей из введения, четырех глав, тринадцати параграфов, заключения и списка использованной научной литературы.

Научную основу диссертации составили общепризнанные выводы и положения теоретико-правовой доктрины, ее методологическую основу – философские, специально-научные и частно-научные методы. Комплексный подход к исследованию научной проблемы позволил диссертанту провести соотвествующий теоретико-правовой анализ, выявить особенности формирования и развития концепций конституционно-правового института защиты прав и свобод человека и гражданина, сформулировать его понятийный аппарат, раскрыть его сущность и содержание.

Автором обосновывается понятие конституционно-правового механизма защиты прав и свобод человека и гражданина, в системе органов государственной власти, правоохранительных органов и других правозащитных субъектов, участвующих в правовой деятельности по защите права и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан.

Важный аспект проведенного исследования заключается в раскрытии сущности, структуры и содержании юридических гарантий как целостного механизма, от уровня и качества которых зависят эффективность реализации прав, успешное пресечение или предотвращение незаконного вмешательства в права и свободы человека и гражданина, а также справедливое восстановление нарушенных материальных и моральных прав.

На основании результатов проведенного научного исследования автором были разработаны и предложены методические рекомендации, которые несомненно будут способствовать развитию и дальнейшему совершенствованию качества и эффективности защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в условиях гармонизации и интеграции международных правовых стандартов и отечественного законодательства в современных условиях.

## ANNOTATION

**Elnazarov Davlatsho Khojaevich dissertation on the topic “Constitutional and legal regulation of the protection of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan: theory and practice”**

**Keywords:** human rights, protection of human rights, the Constitution, public authorities, international human rights acts, the judiciary, the President, executive power, parliament, the Commissioner for Human Rights, mechanisms for protecting human rights

The relevance of the topic of the dissertation is due to the need to develop scientific approaches, formulate practical recommendations for improving domestic legislation, taking into account modern realities and the legal reality of Tajik society, which have developed in the field of constitutional and legal regulation of the protection of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan. The purpose of the thesis is a comprehensive study and justification

of the constitutional-legal institute for the protection of human and civil rights and freedoms and the development of a concept for its improvement. This goal contributes to the formulation and solution of a number of specific scientific and practical problems, which predetermined the logical construction of a dissertation, consisting of introductions, four chapters, thirteen paragraphs, conclusions and a list of used scientific literature. The scientific basis of the dissertation was made up of the generally recognized conclusions and provisions of the theoretical and legal doctrine, and its methodological basis was philosophical, specially scientific and private scientific methods. An integrated approach to the study of a scientific problem allowed the dissertation to conduct a theoretical and legal analysis, identify the features of the formation and development of the concepts of the constitutional-legal institution for the protection of human and civil rights and freedoms, formulate its conceptual apparatus, and reveal its essence and content. Further, the author substantiates the concept of a constitutional legal mechanism for the protection of human and civil rights and freedoms in the system of state authorities, law enforcement agencies and other human rights actors involved in the human rights activities of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan. An important achievement of the study is to disclose the nature, structure and content of legal guarantees as an integral mechanism on the level and quality that determine the effectiveness of the implementation of rights, the successful suppression or prevention of unlawful interference with the rights and freedoms of man and citizen, as well as the fair restoration of violated material and moral right

The author of the dissertation developed practical recommendations that contribute to the development and further improvement of the quality and effectiveness of the protection of constitutional rights and freedoms of man and citizen in the context of harmonization and integration of international legal standards and domestic legislation in modern conditions.